ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ

E-mail: anvor.donish@kgu.tj **Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***
www.anvor.tj **№4 (340) 1-уми майи соли 2023, душанбе (оғози нашр: соли 1994)**



Пиряххо захираи асосии оби соф мебошанд.

Обшавии босуръати онҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои бағоят манфӣ оварда расонад.

Таҳлили тамоюли таъсиррасонии тағйирёбии иқлим ва афзоиши аҳолӣ нишон медиҳад, ки:

Агар дар солҳои шастуми асри гузашта таъминоти об ба сари ҳар як нафар аҳолӣ дар Осиёи Марказӣ солона ба зиёда аз ҳашт ҳазор метри мукааб баробар шуда бошад, имрӯз ин нишондиҳанда зиёда аз чор баробар кам гардида, дар як сол каме зиёд аз ду ҳазор метри мукаабро ташкил медиҳад.

Мутаассифона, обшавии пиряххои Арктика ва Антарктида боиси баландшавии сатҳи уқёнуси ҷаҳонӣ гардидааст.

Эмомалӣ РАҲМОН

## ИҚТИБОСҲО АЗ СУХАНРОНИҲОИ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН


С. 2

## СУХАНЕ ЧАНД ДАР БОРАИ "ТОҶИКОН"



С. 4

## ДУ-СЕ ЧАШМОНИ БИНО ЧАШМИ ДУНЁЯНД...


С. 8

## ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ЧИСТ?


С. 14

## ТОИФАҲОИ ОДАМОН


С. 3

## ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГИИ ТАРС Ё ХАРОС ДАР ИНСОН


С. 5

## ТЕРРОРИСТ ВАТАНУ МИЛЛАТ НАДОРАД!



С. 15

*Бирав, бо халқ хушгӯ бошу хушхӯ,*
*Ки хун аз тарбият шуд мушки хушбӯ.* Носири Хусрав



# ИҚТИБОСҲО АЗ СУХАНРОНИҲОИ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ОИД БА МАСЪАЛАИ ПИРЯХҲО ДАР РАВАНДИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ



**Ба ифтихори эълон гардидани соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо**

*Тоҷикистон низ тайи зиёда аз ду даҳсолаи охир ҷиҳати пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об талошҳои зиёд ба харҷ дода, дар ин раванд саҳми муносиб дорад.*

*Бо ибтикори Тоҷикистон Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ҳашт қатъномаро қабул карда, кишвари мо чандин маротиба мизбони ҳамоишҳои сатҳи баланди ҷаҳонӣ оид ба баррасии масъалаҳои муҳимми об гардид.*

*Мутаассифона, таҳдидҳову хатарҳои муосир, аз ҷумла мушкилоти тағйирёбии иқлим, ин равандро ба таври ҷиддӣ халалдор кардаанд.*

*Чунин ҳолат таваҷҷуҳи махсусро талаб менамоянд, зеро таъсири он ба захираҳои об, бахусус пирияхҳо, бисёр возеҳ ва ногаронкунанда мебошад.*

*Тоҷикистон низ зери таъсири оқибатҳои тағйирёбии иқлим дар чанд даҳсолаи охир зиёда аз як ҳазор пиряхи худро аз даст дода, ҳамасола аз селу обхезиҳои зиёд ва хушксоливу камобӣ, ки марбути ин равананд, хисороти зиёди моливу ҷонӣ мебинад.*

*Яке аз пайомадҳои ҷиддии ин раванд обшавии пирияхҳо мебошад, ки дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ва гармшавии бесобиқаи ҳаво аз пирияхҳои дар кӯҳсори Тоҷикистон мавҷуда то имрӯз беш аз 1 ҳазори он пурра аз байн рафтааст.*

*Тибқи омори дастрас танҳо пиряхи Федченко дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи даҳсолаи охир 11 километри мураббаъ бо талафоти 2 километри мукааби ях коҳиш ёфтааст.*

*Хушксолиҳои пайдарпайи солҳои охир боиси оқибатҳои таъсирбахш дар соҳаи кишоварзӣ гардидаанд.*

*Бинобар обшавии босуръат, ҳаҷми умумии пиряхҳои Тоҷикистон қариб ба сеяк андоза кам шудааст.*

*Зуҳуроти селу обхезӣ, ярч ва дигар падидаҳои табиӣ, ки ҳамасола ба иқтисодиёт зарари ҷиддӣ мерасонанд, афзоиш ёфтаанд.*

*Бо дарназардошти ин омилҳо, муҳим медонем, ки дар доираи Созмон ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва дар ин замин коҳиши таҳдидҳои офатҳои табиӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.*

*Дар ин зимн мо мушкилоти обшавии босуръати пиряхҳои Тоҷикистонро, ки 60 фоизи захираҳои обии минтақаи Осиёи Марказиро ташкил медиҳанд, таъкид карда, аз ҷониби Мисрӣ барои дастгирии ташаббусҳои ҷаҳонии мо дар соҳаи обу иқлим изҳори сипос намудем.*

*Ҳамзамон бо ин, ибтикороти ҷониби Мисрро оид ба пешгирии гармшавии иқлим иқдоми муҳим арзёбӣ карда, ҷонибдории худро аз рӯзномаи Саммити тағйирёбии иқлим, ки соли равон дар Миср баргузор мегардад, изҳор намудем.*

*Аз дидгоҳи мо яке аз нишондиҳандаҳои асосии раванди мазкур ин обшавии босуръати пирияхҳо дар натиҷаи гармшавии глобалӣ мебошад. Мутаассифона, имрӯзҳо мо босуръат об шудани яхро дар Арктика, Антарктида ва Гренландия мушоҳида менамоем. Ҳамчунин, тағйироти ҷиддӣ дар пирияхҳои воқеъ дар хушкӣ низ ба амал омада истодаанд. Тибқи ҳисоботи "Баҳодиҳии Ҳимолой дар Ҳиндукуш", мо аллакай то охири садсолаи ҷорӣ метавонем зиёда аз се ду ҳиссаи пиряхҳои Ҳимолойро аз даст диҳем.*

*Тоҷикистон, ки 93 фоизи масоҳати онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, бо чунин шароити мураккаби ҷуғрофӣ яке аз осебпазиртарин кишварҳои дунё дар раванди тағйирёбии иқлим ба шумор меравад.*

*Пиряхҳои мо бошиддат об шуда, захираҳои об рӯз ба рӯз маҳдуд гардида истодаанд, селу обхезӣ, хушксолӣ ва дигар падидаҳои гидрометеорологӣ пай дар пай афзоиш ёфта, ҳамасола ба иқтисодиёти кишвар хисороти зиёд ворид менамоянд ва ба ин васила ба саъю талошҳои мо ҷиҳати дастрасӣ ба рушди устувор монеа эҷод мекунанд.*

*Пиряхҳо захираи асосии оби соф мебошанд.*

*Обшавии босуръати онҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои бағоят манфӣ оварда расонад.*

*Таҳлили тамоюли таъсиррасонии тағйирёбии иқлим ва афзоиши аҳолӣ нишон медиҳад, ки:*

*Агар дар солҳои шастуми асри гузашта таъминоти об ба сари ҳар як нафар аҳолӣ дар Осиёи Марказӣ солона ба зиёда аз ҳашт ҳазор метри мукааб баробар шуда бошад, имрӯз ин нишондиҳанда зиёда аз чор баробар кам гардида, дар як сол каме зиёд аз ду ҳазор метри мукаабро ташкил медиҳад.*

*Мутаассифона, обшавии пиряхҳои Арктика ва Антарктида боиси баландшавии сатҳи уқёнуси ҷаҳонӣ гардидааст.*

*Вазъи ба ин монанд дар пирияхҳои Помир низ ба вуҷуд омада истодааст.*

*Обшавии бузургтарин пиряхи воқеъ дар хушкӣ дар Тоҷикистон намунаи возеҳи ин гуфтаҳо мебошад.*

*Ман пиряхи Федченкоро, ки зиёда аз 75 километр дарозӣ дорад, дар назар дорам.*

*Пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки фақат дар тӯли 70-80 соли охир пиряхи Федченко зиёда аз як километр ақиб рафта, майдони он то 44 километри мураббаъ кам шудааст.*

*Зиёда аз ин, ҳаҷми он 15 километри мукааб ихтисор гардида, суръати миёнаи ақибравии нӯги (забони) пирях дар як сол 16 метрро ташкил медиҳад.*

*Буҳрони об, ки бо сабаби афзоиши аҳолӣ ва тағйироти глобалии иқлим тезу тунд гардидааст, аз муносибати одилонаю баробарона ва ҳамгироиро дар масъалаи истифодаи захираҳои об барои таъмини иқтисодиёти ҳамаи мамлакатҳо ва муҳити зист тақозо дорад, ки дар ниҳояти кор ба таъмини рушди устувор мусоидат хоҳад кард.*

*Мо умедворем, ки Даҳсолаи амал барои татбиқи ҳадафҳои ҷаҳонӣ ба дарёфти роҳҳои ҳалли пойдори чунин мушкилоти мубрами ҷаҳонӣ, ба монанди тағйирёбии иқлим, фақр, нобаробарии гендерӣ ва маблағгузорӣ мусоидат хоҳад кард.*

*Зимнан, мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлимро, ки дар ин раванд ба кишварҳои гуногун, аз ҷумла Тоҷикистон монеаи ҷиддӣ эҷод менамоянд, бояд ба таври хосса зикр кард.*

*Замона гуфт маро: Хашми хеш дор нигоҳ,*
*Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст. Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ*



# ТОИФАҲОИ ОДАМОН

**Одамоне ҳастанд, ки дилро болотар аз сар гузоштаанд, яъне эҳсосотианд. Одамоне ҳастанд, ки шикамро аз сар болотар гузоштаанд, яъне аз паи афзоиши сарват шабу рӯз кор мекунанд. Одамоне ҳастанд, ки хислати донжуанӣ доранд, яъне занпарастӣ. Ҳамаи инҳо ғуломи узвҳои номбурдаанд.**



Табиатан сари одам баландтар аз ҳама узвҳои дигари асосӣ - дил, ҷигар, шикам ва узви таносул аст. Ин ба он маъност, ки инсон ҳар амале мекунад, бояд бо раҳнамоии ин мақоми баланд кунад, яъне андешагарӣ ҳоким ба ҳама амал аст.

Дили инсон дар мақоми поёнтар аз сар қарор дорад. Яъне ин ишора бар он аст, ки ҳар чизе ки дил мехоҳад, бояд дар итоати сар бошад, агар ақл бипазирад он гоҳ бояд амалӣ шавад.

Шикам дар мақоми саввум аст. Ва он аз як ҷиҳат ба дил тобеъ бошад, бештар тобеъи сар аст. Дил дар мавриди қабули таом нақши манфӣ мебозад. Хӯрдан гир мегӯяд, то сер шудан. Аммо ақл мегӯяд, ки пурхӯрӣ сабабгори бемориҳост.

Поёнтар аз шикам чист, худатон хуб медонед.

Одамоне ҳастанд, ки дилро болотар аз сар гузоштаанд, яъне эҳсосотианд. Одамоне ҳастанд, ки шикамро аз сар болотар гузоштаанд, яъне аз паи афзоиши сарват шабу рӯз кор мекунанд. Одамоне ҳастанд, ки хислати донжуанӣ доранд, яъне занпарастӣ. Ҳамаи инҳо ғуломи узвҳои номбурдаанд.

Онҳое, ки ақлро болотар аз ҳама медонанд, хирадманданд. Онҳо ғулом нестанд. Дигарон ҳама ғуломанд.

Вобаста ба мақом инсонҳо дар ҷомеа се хеланд: Бедорҳо, нимхобҳо ва хобидаҳо. Хобидаҳо мардуми худбин ҳастанд, ки танҳо паи пайдо кардани пулу мол барои зиндагии худ ҳаракат мекунанд. Нимхобҳо мардуме дар ҳоли ғанаб, ки каме дар интихобот иштирок мекунанд, камтар савод доранд, аммо ба ҷамъият чӣ шуда истодааст, бетараф ва бефарқанд.

Бедорҳо хирадмандони ангуштшумор ҳастанд, ки ба сухани онҳо ду хели аввал эътиборе намедиҳад. Инсон ҷонвари боақли ҷамъиятист. Бедорҳо нисбат ба дигар тоифаҳо инро бештар ҳис мекунанд ва ба пешрафти ҷомеа мекӯшанд. Ҷадидизм, маорифпарварӣ, социализм, коммунизм, капитализми гуманитарӣ, демократия ихтирои бедориҳост.

Вақте ки зиндагӣ тоқатфарсо шуд, нимхобҳо дар атрофи бедорҳое, ки ҳизби сиёсӣ сохтаанд, муттаҳид мешаванд, то ки сохти инсонпарваронатарро ба вуҷуд оранд.

Элита дар асл ҳамин бедорҳоянд, на сарватманду тоҷиру соҳибкору графоману маддоҳон.

Дар кишварҳои пешрафта элитаро эҳтиёт мекунанд, элита дар ин кишварҳо дар минтақаи хоси шаҳр сити зиндагӣ мекунад. Ба ситии Лондон ҳатто шоҳ бе иҷозати мири сити қадам гузошта наметавонад.

***Адаш Истад, адиб, рӯзноманигор***

# ПАНДҲОИ ЗЕБО БАРОИ АФРОДИ 50-СОЛА



**Аммо тавозӯъ ва хоксор, ки бошӣ ҳама дӯстат хоҳанд дошт ва қадру манзалатат болотар хоҳад рафт.**

Панди аввал: Ҳамеша об бихӯр. Ҳатто агар ташна набошӣ ва эҳсосашро низ надошта бошӣ. Зеро бештари мушкилоти саломати бадан аз камобии бадан аст.

Панди дуюм: Варзиш кун. Ҳатто агар дар авҷи машғулият бошӣ. Зеро ҷисмат бояд ҳаракат дошта бошад. Ҳатто агар пиёдаравӣ ва ё машғули шино кардан бошӣ.

Панди сеюм: Ғизоятро кам кун. Ҳаваси хӯрданро тарк кун, ки ҳеҷ хайре дар зиёд хурдан нест. Худатро маҳрум накун аз хӯрдан, вале микдорашро кам кун.

Панди чорум: То ҷои мумкин камтар аз мошин истифода кун. Сайъ кун пиёда сари кор ва ё ҳар ҷои дигаре равӣ.

Панди панҷум: Аз асабоният дурӣ кун. Қаҳру нороҳатиро тарк кун. Сайъ кун масъалаҳоро осон бигирӣ. Худатро дар шароити нороҳаткунанда қарор надеҳ. Ҳамаи инҳо саломатиятро аз байн мебарад ва руҳиятро доғдор мекунад.

Панди шашум: Ҳамон тавре ки мегӯянд пулатро дар офтоб раҳо кун ва худат дар зери соя шин.

Барои худат ва атрофиёнат чизе кам нагузор, зеро пули ба даст омада барои роҳат зиндагӣ кардан аст. На ин ки мо зиндагӣ кунем то ҷамъаш кунем фақат.

Панди ҳафтум: На ҳасрати касеро бихӯр, на ҳасрати кореро, ки наметавонӣ анҷомаш бидиҳӣ ва на ҳасрати чизе, ки наметавонӣ ба дасташ биёрӣ. Аз зеҳнат дур кун ва аслан фаромӯшаш кун.

Панди ҳаштум: Фурӯтан бош ва боз ҳам фурӯтан! Зеро пул, мақому, қудрат, нуфуз ва ҳама чиз бо ғуруру худ бузургбинӣ аз байн меравад.

Аммо тавозӯъ ва хоксор, ки бошӣ ҳама дӯстат хоҳанд дошт ва қадру манзалатат болотар хоҳад рафт.

Панди нуҳум: Мӯйҳои сарат, ки сафед шуд ба ин маъно нест, ки дорӣ ба охири умрат наздик мешавӣ. Балки нишонааш ин аст, ки зиндагии беҳтаре огоз хоҳад шуд ва ба ин хушбин бош. Хотира бисоз, сафар бисёр кун, худатро бо хушиҳои дунё саргарм кун.

Панди охир: Иртиботатро бо Худо ҳаргиз қатъ накун, ки худопарастӣ сабаби барандашудани ту дар дунёст. Барои рӯзе, ки на сарват ба дардат меҳўрад, на фарзанд ва на мақомат омода бош!

***Манбаъ: Фейсбук***

## Шеъри рӯз



*Носири Хусрав*

### БИНГАР БА УҚОБЕ, КИ...

*Рӯзе зи сари санг уқобе ба ҳаво хост,*
*Аз баҳри тамаъ болу пари хеш биёрост.*
*Ба ростии бол назар карду чунин гуфт:*
*"Имрӯз ҳама рӯйи Замин зери пари мост!"*
*Гар авҷ бигирам бипарам аз назари шед,*
*Мебинам, агар заррае андар таги дарёст.*
*Гар бар сари хошок яке паша биҷунбад,*
*Ҷунбидани он паша аён дар назари мост.*
*Бисёр манӣ карду зи тақдир натарсид,*
*Бингар, ки аз ин чархи ҷафопеша чӣ бархост.*
*Ногаҳ зи камингоҳ яке сахткамоне,*
*Тире зи қазову қадар андохт бар ӯ рост.*
*Бар боли уқоб омада он тири ҷигарсӯз,*
*В-аз абр мар-ӯро ба сӯйи хок фурӯ кост.*
*Бар хок биафтоду биғалтид чу моҳӣ,*
*В-он гоҳ пари хеш кашид аз чапу аз рост.*
*Гуфто: "Аҷаб аст ин, ки зи чӯб асту зи оҳан,*
*Ин тезиву тундиву паридан-ш куҷо хост".*
*Бар тир нигоҳ карду пари хеш бар ӯ дид,*
*Гуфто:*
*"Зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост".*
*Ҳуҷҷат, ту маниро зи сари хеш бадар кун,*
*Бингар ба уқобе, ки манӣ карду чиҳо хост.*

# АНДЕШАҲОИ ШОИРИ ШАҲИР НИМО ЮШИЧ

Аз ҳама чиз наздиктар ба ту ишқи туст. Ҳастӣ нишонаи ишқ аст. Навиштани ман ҳам самараи ишқи ман аст…

XXXX

Аз рӯзи нахуст пардае байни қалби шоир ва мавҷудот ҳоил шуд, то ӯ зиндагиашро ба ҳасрат ба сар бибарад ва чизеро, ки дӯст дорад, аз барои ин парда бубинад, чунки осмон мехост чангашро ба дасти ӯ бидиҳад ва аз миёни лабҳои ӯ бихонад. Ман ба ҳар чӣ дил мебандам, ноз мекунад, мегурезад, магар танҳоиву хубиҳои ишқ, ки ҳар қадар ба онҳо дил бастаам, ҳамеша бо мананд…

XXXX

Бидуни таҷриба инсон ноқис аст ва бидуни нуқс инсон ба вуҷуд наёмадаву аз байн нарафтааст…

XXXX

Суръате, ки инсон ба тарафи фанои худ дорад, бештар аз ҳар суръатест, ки дар корҳои дигари ӯ мушоҳида мешавад…

XXXX

Аксу оинаву тифл соати умри инсон ҳастанд, ки ҳар се наздик шудани маргро хабар медиҳанд…

XXXX

Дар сурате, ки тариқи ман аз ҷадидтарин туруқ набошад, нисбат ба тариқаҳои қадими шарқӣ хеле ҷадид ва шояд ҷадидтар аз он барои миллате бошад, ки ҳанӯз ҷадидро нашинохтааст…

XXXX

Ш[redacted]ъру мусиқӣ ва наққошӣ ҳар се да[redacted] асри ҳозир васоили анҷоми х[redacted]дамоти иҷтимоӣ ҳастанд, яъне [redacted]ҳсososоти табақаро ба ҳаракат д[redacted]омеоваранд…

XXXX

Н[redacted]таи назари ман афкору фал[redacted]фаи худи ман аст ва бо тариқаи муайяни фикрӣ, ки баъдҳо маълум мешавад…

XXXX

Инсон дардашро бояд ба касе гӯяд, ки ӯ аз он сероб шавад.

XXXX

Чашмҳои ман абрест, ки ҳама ҷо бояд аз он сероб шавад. Қалби ман оташест, ки бояд ҳама ҷоро бисӯзонад…

XXXX

Хаёл накун маро мебинӣ, ман мани воқеъ ҳақиқати дигаре ҳастам, ки дар навиштаҳои худ ҷо гирифтаам ва ҳанӯз мардум аз ман садое нашунидаанд, то чӣ расад ба як нағма, ки қалби маро барои онҳо ташреҳ кунад. Мардум аз ман парҳез мекунанд, ҳамон қадар, ки ман аз онҳо парҳез дорам…

XXXX

Чашмони ман пораабрест, ки ҳаргиз аз боридан хаста нашудааст…

XXXX

Завқи зиндагӣ аз ҳукми об аст. Бояд онро софу равон раҳо кард. Рӯҳ бояд ба насимҳои вақти саҳар шабоҳат дошта бошад. Ба беэътиноӣ ва виқор фақат барои навозиш кардани гулҳо аз фазои олам убур кунад…

XXXX

Хомӯширо дар мавқее, ки бояд хомӯш буда бошам, аз дарё ёд мегирам.

XXXX

Ҳамаи ашёҳо муаллимии инсонанд. Шумо ҳам мисли ман бошед. Хеле ҳарфҳоро мебоист шунид. Фақат ақоиди худро бояд маҳкам нигоҳ дошт…

*Забоне, ки андар сараш магз нест,*
*Агар дур биборад, ҳамон нагз нест.* Абулқосим Фирдавсӣ

Анвори дониш
№4 (340), ДУШАНБЕ, 1.05.2023

# СУХАНЕ ЧАНД ДАР БОРАИ "ТОҶИКОН"-И АЛЛОМА ҒАФУРОВ



*Маҳмуд АБДУЛЛОЕВ,*
*доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик*

Дар солҳои 60-ум ба Бобоҷон Ғафуров имконият фароҳам омад, ки дар китобхона, осорхона ва бойгониҳои машҳури ҷаҳон ба монанди Деҳлӣ, Теҳрон, Рим, Париж, Алихард, Қарочӣ ва дигар ҷойҳо кор карда, сарчашмаҳои нави хаттиро доир ба таърихи тоҷикон, алахусус қисмати маданияти он дастрас намояд. Дар ҳамин давра, инчунин манбаъҳои дигар ба монанди археологӣ, санадҳои асримиёнагӣ, материалҳо оид ба сиккашиносӣ, палеоантропология, забоншиносӣ ва ғайра ба даст меомад. Паси ҳам доир ба саҳифаҳои мухталифи таърихи Тоҷикистон асарҳои монографии олимони советӣ таълиф гардид, ки ҳамаи онҳо аз тарафи Бобоҷон Ғафуров баррасӣ шуданд. Маводи зиёди ба дастомада олимро водор кард, ки тадқиқоти пешинаи худро нисбат ба таърихи халқи тоҷик пурра кунад ва дар шоҳасари "Тоҷикон" инъикос намояд.

Китоби мазкур дар ҳаёти илмии мамлакати мо дастоварди бузурге гардидааст ва дар саҳифаҳои рангини таърихшиносии советӣ сабт ёфтааст. Ин асари мукаммали олӣ натанҳо яке аз тадқиқоти беҳтарини илмӣ дар таърихи тоҷикон, балки инчунин ба омӯзиши таърихи халқҳои Осиёи Миёна, ба таърихи Шарқ ҳиссаи калон гузашт. Ба ин асар дар муддати кӯтоҳ олимони намоёни мамлакат, ба монанди академикҳо Б.Б. Пиотровский, А. И. Окладников, А. Л. Нарочницкий, И.И. Минц, М.А. Коростовцев, М.П.Ким, Е.М. Жуков, академикҳои АИ РСС Тоҷикистон Б. Искандаров, С.А. Раҷабов, Акбар Турсунов ва дигарон тақризҳо навишта, баҳои баланд додаанд. Аз ҷумла, академики АИ СССР, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Лауреати Мукофоти Давлатии СССР П. Окладников яке аз аввалинҳо шуда, 22-юми феврали соли 1973 дар саҳифаи рӯзномаи "Изестия" чунин иброз намудааст, ки рисолаи фундаменталии Б. Ғафуров дониши моро доир ба омӯхтани таърих ва анъанаҳои яке аз халқҳои қадимтарини мамлакати мо - тоҷикон боз ҳам бою ғанӣ гардонд ва ин ҳиссаи арзандаи олим дар омӯзиши таърихи Ватан аст.

Шоҳасари Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" дар байни аҳли илму фарҳанги мамлакатҳои хориҷӣ низ мароқи калон зоҳир кард ва аз тарафи онҳо баҳои баланд гирифт. Чунончи, таърихшиноси амрикоӣ Р. Фрай дар маҷаллаи "Америкои хисторикэл ревю" мақолаеро таҳти унвони "Академик Б.Ғафуров ва "Тоҷикон" навишта, ба китоб ва муаллифи он чунин баҳо додаст: «Асари баназири академик Б. Ғафуров оид ба тадқиқи масъалаҳои илмии марбут ба Осиё на танҳо аз он аст, ки ӯ фарзанди миллати тоҷик аст, балки ӯ инчунин директории Институти шарқшиносии АИ СССР - бузургтарин маркази ховаршиносие низ мебошад, ки таҳти раёсати ӯ дар кӯтоҳтарин муддат ба муваффақиятҳои беназир ноил гашт. Агар зарурати тарҷумаи англисии ягон асари русии оид ба мавзӯи Осиёи Марказӣ пеш ояд, бешак он "Тоҷикон" аст.»

Муҳаммадҷон Шакурӣ дар асараш "Равшангари бузург" оид ба лаҳзае аз ҳаёти академик Б.Ғафуров навиштааст: «Соли 1972 китоби академик Б.Ғафуров "Тоҷикон" аз чоп баромад ва зуд шуҳрат ёфт.

Ҳар зиёии тоҷик мекушид, ки нусхае аз он ба даст биоварад ва ҳар кас, ки ба даст овард, ба як нишаст хонда мефуровард...»

Рӯзе дар хонаи нависанда Ҷалол Икромӣ нишасте ба ифтихори Бобоҷон Ғафуров барпо шуд. Иддае аз аҳли илму адаб гирд омаданд. Аз ҷумла, Мирзо Турсунзода ва профессор Иосиф Самоилович Брагимский ҳозир шуданд. Яке аз аҳли нишаст Бобоҷон Ғафуровро шодбош гуфт ва таъкид кард, ки чун Ғафуров ба унвони сарвари Тоҷикистон (солҳои 1946-1956) ва донишманди забардасте барои миллат хидматҳои бузург кардааст, баъсус пас аз чоп шудани китоби "Тоҷикон" месазад, ки ӯро падари миллат бигӯем. Б.Ғафуров сухани ӯро бурида гуфт:

- Камина падари миллат нестам, фарзанди миллат ҳастам, ки мехоҳам хизмат кунам. Падари миллат устод Айнӣ буд, ки барои умри дубора ёфтани тоҷикон бештар аз ҳар касе мубориза кардааст ва ба ғалаба расидааст." (М.Шакурӣ, "Равшангари бузург", Душанбе, "Адиб", 2006)

Бобоҷон Ғафуров мехост, ки асараш "Тоҷикон", ки ба таърихи бойи халқи худ бахшида буд, тезтар ба забони тоҷикӣ ҳам чоп шуда, дастраси хонандагони сершумори он гардад. Вале ин кор ва махсусан тарҷумаи он аз забони русӣ заҳмати ниҳоят сермашаққатро талаб мекард. Ин масъулияти мураккаб ба дар айни замон шарафмандро А. Маниёзов ва Н. Холмуҳаммадов ба ӯҳда гирифтанд. Б. Ғафуров аз олими номии тоҷик, аъзо-корреспонденти АИ РСС Тоҷикистон Аҳрор Мухторов, ки ба муаллиф ҳукми шогирдӣ дошт, хоҳиш карда буданд, ки муҳарририи қисми тоҷикии "Тоҷикон"-ро ба зимма гирад. Аз сабаби он ки нашри русии китоб воқеаҳои тарихиро то миёнаи асри XVIII дар бар мегирифт, Б. Ғафуров қисми хронологии онро аз нимаи дуюми асри XVIII идома дода, то Ғалабаи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр пурра намуд.

Аллома Б.Ғафуров барои навиштани шоҳасари худ "Тоҷикон" миқдори зиёда аз 2000 сарчашмаҳои дохилӣ ва хориҷӣ, монография, брошюра ва мақолаҳои илмиро самаранок истифода кардааст.

**Асари безаволи Бобоҷон Ғафуров шоҳиди он аст, ки мо дар шахсияти муаллифи он донандаи барҷастаи таърих ва инчунин таърихи тамоми Осиёи Миёнаро мебинем, ки асарҳояш то ба имрӯз хонандагон ва тадқиқотчиёнро ба худ ҷалб мекунад.**

Ин китоб дар баробари "Шоҳнома"-и А.Фирдавсӣ, "Таърихи Бухоро"-и Абубакри Наршахӣ, "Сиёсатнома"-и Низомулмулк чун шиносномаи халқи тоҷик барои асрҳои оянда хизмат менамояд.

Инак, хонандагони тоҷик, ки дер боз интизори нашри ин асари Бобоҷон Ғафуров буданд, соли 1983 китоби якум ва соли 1985 китоби дуюми онро дастрас намуданд.

"Дар ин асар, менависад муҳаррири нашри тоҷикии он А. Мухторов, - Бобоҷон Ғафуров бо як маҳорати ба худ хос манзараи доманадори таърихро нигошта, ҳар як ҷабҳа, ҳар як соҳаи онро борикбинона, бо ҷузъҳояш санҷидааст. Ин аст, ки дар пеши чашми хонанда на танҳо тарҳи умумии таърихи чандинасра намоён мешавад, балки пайкари зиндаи он бо тамоми муракњабию ихтилофҳояш арзи вуҷуд мекунад."

Дар асар тараққиёти таърихи халқи тоҷик, қувваҳои маънавию моддие, ки асрҳои аср дар байни халқ ташаккул ёфтаанд ва дар давраҳои пурташвиштарини таърихи он боиси устувор истодани он гардидаанд, аз ҷиҳати илмӣ ҳамаҷониба таҳлил карда шудаанд. Таҳқиқи таърихи халқи тоҷик барои фаҳмидани ибтидои робитаҳои анъанавии халқҳои Осиёи Миёна ва ҳиссае, ки онҳо ба ганҷинаи умумии маданияти инсоният гузоштаанд, ёрӣ мерасонад.

Тамоми фаслҳои китоби якум, аз сохти ҷамъияти обшинаи ибтидоӣ то давраи Темуриён дар партави воқеаҳои гуногун ва манзараҳои беандоза, вазъи ҷуғрофии Осиёи Миёна, Осиёи Хурд, Шарқи Миёна, Ҳиндустон, Осиёи Марказӣ, Сибир ва Қазоқистон баён гардидааст. Муаллиф решаҳо ва роҳҳои инкишофи алоқаҳои анъанавӣ ва дурустии онҳоро дар ҷараёни зиндагӣ ва муборизаи якҷоя зидди душманони дохилӣ ва хориҷӣ нишон додааст. Аз ин ҷост, ки ин асари Б. Ғафуровро таърихномаи дӯстии халқҳои имрӯзаи Осиёи Миёна ва Машриқзамин ҳисобидан мумкин аст.



Муаллиф дар асоси далелҳои зиёде таърихи халқи худро боз ҳам мукаммалтар гардонида, дар кушодани гиреҳи бисёр масъалаҳои баҳсталаб ёрӣ расондааст. Ӯ дар асоси ҳуҷҷатҳои бойи таърихӣ ва бостоншиносӣ ба ақидаҳои муаррихони буржуазӣ, ки "таърихи гузаштаи халқҳои Шарқ, аз ҷумла тоҷикон, ки ҳамчун силсилаи беинтиҳои ҷангу ҷидолҳо ва табадулоти дарборӣ тасвир ёфта, бештар нақлу ривоятҳо дар бораи подшоҳон, ҳокимон ва сипаҳсолорон оварда мешаванд", мегуфтанд, зарбаи сахт зад.

Бобоҷон Ғафуров дар боби дуюми фасли чоруми асар, ки "Анҷоми протсесси ташаккули халқи тоҷик ва созмони далатии ӯ, давлати Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён (асрҳои IX-X)" ном дорад, муфассал дар бораи таърихи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ тавақуф намудааст. Яке аз хулосаҳои ин боб аз он иборат буд, ки "дар ҳамин давраe, ки ҳокимият дар Мавароуннаҳру Хуросон дар дасти Сомониён буд, ташаккули халқи тоҷик анҷом ёфт."

Бобоҷон Ғафуров дар "Тоҷикон" дар асоси сарчашмаҳои мӯътамад ба шароит ва сабабҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии ташаккули забони адабии тоҷик ҷавоби пурраи илмӣ додааст. Аксари забоншиносон ба монанди Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, Р. Ғафуров, Д. Додихудоев ва дигарон ба чунин хулосаи дурust омада, исбот карданд, ки ташаккули забони адабии тоҷик маҳз дар ҳамин давраи асрҳои IX-X анҷом ёфтааст.

Муаллиф дар муқаддимаи "Тоҷикон" аҳамияти тадқиқи равобити дӯстии халқҳои Осиёи Миёнаро қайд намуда, менависад, ки "Омӯзиш ва таҳқиқи таърихи тоҷикон, саҳми ба худ хоси он ба ганҷинаи тамаддуни башарӣ бо омӯзиш ва таҳқиқи таърихи ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна, бо ошкор намудан онҳоро муттаҳид сохтаст, алоқаи ҷудошаванда дорад. Дар асоси чунин омӯзиш решаҳои амиқи таърихии ҳамкории бародаронаи халқҳои Осиёи Миёнаро муайян кардан имконпазир хоҳад шуд."

Китоби "Тоҷикон" дар ҳақиқат маҳсули меҳнати пурмашаққати муаллиф аст. Ҷиҳати хоси тадқиқоти Б. Ғафуров аз дигар донишмандони ин соҳа дар он аст, ки ӯ аз масъалаҳои баҳсталаб рӯ намегардонад ва баръакс онҳоро як-як хулоса менамояд.

Ин асар барои ояндаи насли мо баҳри донистани таърихи хеш чун обу ҳаво зарур ва ҳатмист, зеро ҳар қадар мо таърихи худро амиқ донем, ҳамон қадарояндаро дуртар дида метавонем. Дар оянда барои аҳамияти илми таърих, барои наслҳои имрӯза ва оянда Б. Ғафуров чунин гуфта буд: "Мо саҳифаҳои таърихи гузаштаро на танҳо барои он меомӯзем, ки аз он ба ваҷд меоем ва ғанитар мешавем, балки барои он ҳам меомӯзем, ки аз таърих сабақ гирем, ба имрӯзу фардо аз диди таърих назар назар андозем ва қонунҳои инкишофи таърихиро омӯзем."

Имрӯз китоби "Тоҷикон"-и Б. Ғафуров ба мардуми мо рӯҳу нерӯи тоза мебахшад. Ба гуфти мутафаккири бузурги рус А.И. Гертсен "Китоб васиятномаи рӯҳии як насл ба насли дигар мебошад." Мардуми тоҷик нисбат ба васиятномаи рӯҳии аҷдодаш эҳтироми бепоён дошт ва ин меҳру муҳаббат ҳоло даҳчанд зиёд аст. Дар ҳар хонадони тоҷик мо маҳз китоби устодро мебинем.

Доктори илми фалсафа Акбар Турсунов дуруст қайд мекунанд, ки: "Тоҷикон" таърихи сеҳазорсолаи халқест, ки роҳи дуру дарозеро тай намуда, қариб дар ҳар як марҳилаи таърихӣ барои ҷисман зинда мондан, барои осори маданиашро ҳифз намудан, барои ҳаққу ҳуқуқи маънавиашро барқарор кардан пайваста мубориза бурда омадааст. Он асарест, ки худи ҳозир ба китоби рӯимизии ҳар як фарди тоҷик табдил ёфтааст, онро аллакай мардум дар мағозаҳо ҷустуҷӯ мекунанд, якбора чанд нусхагӣ харида, барои фарзандон ва хешовандонашон тақдим мекунанд. Пас, китоби "Тоҷикон" ҳама вақт ҳамчун як навъ муқаддасоти миллӣ пазируфта мешавад.

Асари безаволи Бобоҷон Ғафуров шоҳиди он аст, ки мо дар шахсияти муаллифи он донандаи барҷастаи таърих ва инчунин таърихи тамоми Осиёи Миёнаро мебинем, ки асарҳояш то ба имрӯз хонандагон ва тадқиқотчиёнро ба худ ҷалб мекунад.

# ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГИИ ТАРСУ ҲАРОС ДАР ИНСОН ВА ДАРКУ ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ ОН



Инсон мавҷудоти биологӣ - иҷтимоӣ буда, ҳолати равонияш осебпазир мебошад ва вазифаи мо равоншиносон аст, ки дар ин бора маълумоти бештар дода, корбариро дар ин самт зиёд намоем.

Тарсу ҳарос баъзан хусусияти модарзодӣ дошта, ба мизоҷи инсон вобастагӣ дорад.

Чор намуди мизоҷи одам мавҷуд аст, ки онҳо сангвиник, холерик, меланхолик ва флегматик мебошанд. Одамоне, ки мизоҷашон сангвиник ва холерик мебошанд, онҳо қавиирода ва нотарс ҳастанд, нисбат ба одамоне, ки мизоҷашон меланхолик ва флегматик аст.

Ҳангоми таваллуд рӯҳи кӯдак ба як лавҳаи тоза монанд аст. Ӯ ҳоло моҳияти масъалаҳои хубу бад, тарсу ваҳм ва ҳаросро намефаҳмад. Ҳанӯз доир ба ин масъала асосгузори психология файласуфи Юнони қадим Арасту навишта буд, ки ҳангоми таваллуд майнаи сари кӯдак ба як лавҳаи тозае монанд аст, ки дар рӯи он то ҳол чизе навишта нашудааст, аммо ҳамин лавҳаи тоза, дар рафти тараққиёти психикӣ дар зери таъсири муҳити оилавӣ ва иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Яъне, падару модар дар кадом рӯҳия тарбия ёфтааст ва кӯдакро дар кадом рӯҳия тарбия мекунад, яке аз масъалаҳои меҳварӣ мебошад. Агар падару модар кӯдакро дар рӯҳияи тарсу ҳарос тарбия карда бошад, ин ҳолат барои инкишофи устувори он монеа эҷод мекунад ва баракс дар рӯҳияи далерию ҷасурӣ тарбия намояд, боиси пешрафт ва инкишоф мегардад.

Ҳанӯз олими соҳаи психология Зигмунд Фрейд масъалаи пайдо шудани эмотсияи тарсу ваҳм, биму ҳарос дар кӯдаконро яке аз мушкилотҳои муҳими психологию педагогӣ ва фалсафӣ номида буд.

Бояд қайд намуд, ки тартиботи дохилиоилавӣ, ки кӯдакон онро бояд риоя кунанд, аз тарсу ваҳм хеле тафовут дорад. Дар ин асос падару модаронро зарур аст, ки кӯдаконро дар рӯҳияи тарсу тарбия накунанд.

Аён аст, ки баъзан мавридҳо доираи ҳиссиёти интеллектуалии одамро маълумоти ноқис ва дуюминдараҷа фаро гирифта, вазъи рӯҳии ӯро нооромм месозад. Ин сабаби пастшавии қобилияти ақлонии одам мегардад. Танҳо одам бо роҳи саъю кӯшиши пайгирона метавонад душвориҳои ба вуҷуд омадаро бартараф созад ва ба саволҳои ба миён омада, ҷавобҳои муккамал диҳад.

Баъзе наврасон ҳанӯз ба мафҳуми нотарсӣ, далерӣ, шуҷоат, мардонагӣ дуруст сарфаҳм намераванд ва вазифаи калонсолон аст, ки моҳияту мазмуни онро дуруст фаҳмонанд.

Агар ба илми одамшиносӣ назар кунем, агар мӯи сари одамон ба мисли пашми буз, гӯсфанд ва заргуш тунук бошад, аксаран ба чунин шакли одамон хислати тарсончакӣ хос буда, онҳо бо тези дар зиндагӣ ва мавқеъҳои гуногуни ҳаётӣ муносибати худро тағйир дода, бо осонӣ ба тасарруфи дигарон даромада, ноустуворӣ нишон медиҳанд. Ё худ мӯи сари онҳо ба монандӣ мӯи сари шер ё хуки ёбоӣ дурушт бошад, дар он сурат ба ин шакли одамон хислатҳои далерӣ ва ҷасурӣ хос аст.

Аломатҳои кӯтоҳӣ ва ё дароз будани гардани одам хислати тарсончакӣ ва буздилии ӯро нишон медиҳад. Рафтори ин гурӯҳи одамон зоҳиран ба амалҳо ва ҳаракатҳои оҳу монанд аст. Аз тарсу ҳаросонӣ рӯҳияи онҳоро ҳиссёти ҳаёҷони эмосионалӣ фаро мегирад. Одамоне, ки гардани кӯтоҳ доранд, асосан ба онҳо хислатҳои маккорӣ, фиребгарӣ, дуруғгӯӣ, дасисабозӣ, ғайбаткунӣ, бахилӣ ва суханчинӣ хос мебошад. Зеро рафтору амалҳо ва ҳаракатҳои онҳо ба гург монанд аст.

Одам аз тарсу ҳароси ҳодисаҳои даҳшатовар, садамаҳои нақлиётӣ, зилзила, сухтор, марги нобаҳангом, хабари нохуш, обхезӣ, дидани зарари ҷонию молӣ, хисороти зиёд расидан ба иқтисодиёти оила ва сар задани дигар ҳодисаҳои ҳаёти зиндагӣ ба ҳолати аффективӣ дучор мегардад. Баъзан дар ҳолати аффект, бар асари қувваи пурзӯри тарсу ҳароси зиёд ва ногаҳон шунидани хабари нохуш, ҳамаи ҳаракатҳои фаъоли одам қатъ гардида, бо ҳамин муддати муайян фаъолияти вай хотима меёбад. Аз ин рӯ, чӣ гуна вазъияти психологие, ки ботини одамро фаро гирифта бошад ҳам, бисёр хуб мешавад, ки ӯ амалҳои худро зери назорат гирад ва ба алангагирии носозгориҳои муошироти байнишахсӣ роҳ надиҳад.

Одаме, ки иродаи устувору қавӣ дорад, ӯ ҳиссиёти худро идора карда, аз рӯи он амал мекунад ва ба низом медорорад. Агар ҳиссиёт тамоми ҷисму ҷони одамро фаро гирифта, дар рафтори одам нақши ҳукмронро бозад, он гоҳ амалҳои иродавӣ дар зери таъсири ҳиссиёти маънавӣ характери манфӣ пайдо карда, ҳиссиёти тарсончакӣ, бемаъулиятӣ ва фориғболӣ манбаи доминантиро (қитъаи ҳукумфармои ҳаяҷон) дар фаъолияти ӯ ишғол менамояд. Одам бар асари ин хизмати халқу Ватанро бо сарбаландӣ иҷро карда наметавонад.

Кӯшишҳои иродавӣ дар рафти бозиҳое, ки мақсаднокӣ ва устувории иродаро талаб мекунад, басо зарур аст. Ҳамин тавр, амалҳои иродавии инсон дар рафти фаъолият зоҳир мегарданд. Фаъолият восита ва шарти муҳими тарбия ва ташаккули сифатҳои иродавии характер ба шумор меравад.

Нишонаҳои аввалини иродаи устувор ҳамин аст, ки одам барои иҷро кардани мақсади бузург, яъне аз марг натарсида, хавфу хатарро паси сар карда, аз паи иҷрои мақсаду қарори қабулкардашудаи худ мешавад.

Мардонагӣ ва ҷасурӣ ин аз ҳар гуна хавфу хатар натарсида, мусибату азият ва маҳрумиро бартараф карда, барои ба мақсад расидан тайёр будани одам мебошад.

Тарсончакӣ хилофи сифати мардонагӣ мебошад. Одами тарсончак ҳангоми амал ҳисси тарсу воҳимаро аз сар мегузаронад.

Ҳолатҳои эмотсионалии одам мафҳумҳои тарс, бим, ҳарос ва қаҳру ғазабро дар бар мегирад. Эмотсия дар як муддати кӯтоҳ вазъи рӯҳии одамро фаро гирифта, дар шакли тағирёбии рангу рӯй, симои зоҳирӣ, сап- сапсафедшавӣ ва суп- сурхшавӣ дар қиёфаи шахс ифода меёбад. Эмотсия ин ҷиҳати зоҳирии ҳиссиёт аст. Эмотсия дар як лаҳзаи муайяни фосилаи вақт вазъи рӯҳии одамро фаро мегирад.

Агар ба таърих назар кунем хусусиятҳои психологии ҷомеаи ғуломдорӣ ва феодалӣ маълум мешавад, ки психологияи тарсу ҳарос, дунёбезорӣ, сармоядорӣ, истисмори одам аз тарафи одам, меҳнати кироя, афзудани сафи бекорон бештар хос аст.

Яке аз ҳолатҳои бади дигар, ин худтарсидӣ мебошад, ки хислати хеле хатарнок ба ҳолати равонии инсон мебошад. Дар ин ҳолат кори системаи асос номуътадил кашта, ба ҳаракати дил ва рагҳои хунгард зарар мерасонад. Дар чунин ҳолат одам бе сабру қарор шуда, дар он нафастангӣ, дард дар қафаси сина, сарчархзанӣ, арақ кардани дастон ва бадан, ларзиш дар бадан, ҳис кардани хунукӣ дар бадан, хиҷолатшавӣ, пайдо шудани сиёҳӣ дар пеши чашм, идора карда натавонистани ақл, андешаҳои бади манфӣ дар системаи асаб авҷ мегирад, фишори хун баланд мешавад ва ҳатто рагҳои хунгард кафида, одамро ба марг бурда мерасонад.

Таҷрибаҳои нишон медиҳад, ки дар ҳаёти инсон ҳамлаҳои истиробӣ аз ҷониби дигар шахсон бо ҳар мақсад амалӣ карда мешавад, ки ин ба дараҷаи ҳиссиёт, ирода, тафаккур ва мизоҷи инсон вобастагии асосӣ дорад.

Хамлаҳои истиробангези равонӣ инсонро ба ҳолати аффект (шиддати баланди ҳаяҷони рӯҳӣ) оварда, боиси гирифтани шиддати рӯҳи (стресс) мегардад.

Давомнокии тарсу ваҳм бо қувваи баланд то 20 -30 дақиқа давом мекунад.

Хамлаҳои истиробӣ ин ногаҳон дар инсон тарсу ваҳмро ба вуҷуд оварда дар кутоҳтарин лаҳза, бадтарин ҳолати равониро дар организм ба вуҷуд меорад.

Як сабаби гирифтор шудан ба тарсу ҳарос вуҷуд надошта, балки якчанд сабаб шуда метавонад: вайроншавии кори асаб ё депрессия, стресс, муносибати носолим дар муҳити оила ва ҷомеа, хатарҳои таҳдидкунанда ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, нодуруст истеъмол кардани хурок ва дору, хусусиятҳои модарзодӣ ва ғайра.

Дар занҳо нисбат ба мардҳо тарсу ҳарос зиёдтар рушд кардааст.

Тарсу ҳарос барои тасмим гирифтани инсон монеа эҷод мекунад ва инсонро дар ҳолати кархтӣ, фишори манфии иҷтимоӣ ва пешрафти тараққиёташ дар ҳамаи ҷабҳаи ҳаёт сабаб мегардад.

Дар ҳолати тарсу ҳарос баландшавии ҳаяҷоннокӣ нисбат ба боздорӣ дар системаи асаб, бандшавии майл ба хурок, вайроншавии реҷаи хоб, хобҳои даҳшатнок дидан, ҳолати ноустувории диққат, фишори рӯҳию зарари маънавӣ дидан, шакли номуътадили муоширати байниҳамӣ ва ғайра халалдор мешавад.

Инсонҳое, ки дар онҳо нотарсӣ ва шуҷоат инкишоф ёфтааст, ин ҳолат ба ғояҳои баланди идеянокии онҳо пайваст шуда, минбаъд ба ҳиссиёти шӯҳратпарастӣ алоқаи қавӣ пайдо карда, психологияи озодии виҷдон, озодандешӣ, қобилияту истеъдоди одам рушд меёбад. Ҳамзамон аз душвориҳо нотарсида, монеаҳоро мунтазам бартараф месозад.

Таҳлили натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки шахсҳои нотарсу ҷасур дар ҷомеа муваффақ мешаванд.

Тарсу ҳаросро агар мо инсонҳо дар борааш маълумот гирифта, дарки бошуурона карда тавонем, ба ҳолати равонӣ ва организми мо на онқадар зарор расонида метавонад ва аз ҳар ҷиҳат таъсири мусбати худро дорад.

***Анвар ШАРИПОВ,***
***дотсенти кафедраи психологияи ДДК ба номи А.Рӯдакӣ***
***Ибодат Қурбонова,***
***омӯзгори кафедраи педагогика ва психологияи Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А.Рӯдакӣ***

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2018 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 5-уми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг (таҳсилоти рӯзона) Исоева Моҳбикамо Нодировна додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2018 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 5-уми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг (таҳсилоти рӯзона) Дилнозаи Қодир додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2018 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ (таҳсилоти рӯзона) Сайдалии Муродалӣ додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2017 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 5-уми факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дафои ҳарбӣ (таҳсилоти рӯзона) Убайдуллои Рустам додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-юми факултети филологияи хориҷӣ (таҳсилоти рӯзона) Бобоева Мадина додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2019 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ (таҳсилоти рӯзона) Самадов Бахтиёр додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2018 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ (таҳсилоти рӯзона) Рустами Шариф додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2017 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети физика ва математика (таҳсилоти фосилавӣ) Салимов Фаррух додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-юми факултети филологияи хориҷӣ Ҳакимзода Сабзинаи Лоиқ (таҳсилоти рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

*Дар сухан воҷиб аст ҳусни баён,*
*Ҳақ аз он гуфт раталил Қуръон.* *Абдурраҳмони Ҷомӣ*

Анвори дониш
№4 (340), ДУШАНБЕ, 1.05.2023

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ЭҲЁ ВА РУШДИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ



Боиси ифтихор ва фараҳмандии миллати тоҷик аст, ки имрӯзҳо фарзанди фарзонаи миллат, инсони қавиирода ва ватандӯст бори гарони раҳбариву ҳукуматро бар ӯҳда дошта, бо бадиву зиштӣ ҳамеша пайкор мекунад, сартосари ҷаҳони ҳастиро бо нури аҳуроӣ мероояд, ростиро сармашқи кори худ карда, камолоти маънавӣ ва ахлоқиро тарғиб менамояд, порсоию покӣ ва андешаи некро манбаи асосии саодатмандию ҷовидонии инсон шуморида ҷони худро фидои ин миллату ин меҳан намуда истодааст.

Ҳар як таълимот ва сиёсат фақат дар сурате пазируфта мешавад ва ба муваффақият умед баста метавонад, ки на танҳо ба дархостҳои маънавӣ ва мафкуравии замон, балки ба ниёзҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа ҷавобгӯй бошад. Инсон дар рафти мубориза ба муқобили ҳама гуна зурӣ, таҳдид ва дигар амалҳои бад на танҳо ғолиб мебарояд, балки пояи адлу инсофро боз ҳам устувортар месозад. Маҳз ҳамин абармарди миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд дар ташаккул ва инкишоф додани тафаккури сиёсии мардуми тоҷик нақши муҳим бозанд ва принсипҳои асосии Зардуштия "Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек"-ро сармашқи кори худ намуда, ҳамчун яке аз сиёсатмадорони хирадманд дар сартосари ҷаҳон маълуму машҳур гарданд.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки ҳодисаҳои номатлуби солҳои навадум ва ҷанги шаҳрвандӣ исбот намуд, ки аксари мардуми тоҷик, бахусус ҷавонон қишри хеле ҳассоси ҷомеа буда, қувваҳои иртиҷоӣ метавонанд аз нерӯи онҳо ба манфиати гурӯҳии худ моҳирона истифода баранд. Дар он рӯзгороне, ки душманони миллати тоҷик мехостанд дарахти дӯстиро решакан карда, ниҳоли душманӣ бисабзонанд, миллати пароканда ва бе сарвари сиёсӣ мондаро ҷамъ оварда, ба водии мурод расондан, раҳнамоии шахсиятеро мехост, ки дар сиришти худ ғаризаи таҳлилӣ - аналитикӣ, иродаи матину устувор, биниши бохирад, гавҳари суханро аз дарёи пурошӯби мантиқ берун бароварда тавонистан, ба дили даҳҳо соҳибдавлатони худбузургбини ҷаҳон роҳ пайдо кардан ва садҳо ҳунари дигари давлатдорӣ дошта бошад, ки бо амри тақдир ин шахс Эмомалӣ Раҳмон буданд.

Бо шарофати соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат омӯхтани таърихи Ватан, эҳё ва рушди худшиносии миллӣ дар ҷомеа торафт меафзояд. Имрӯз ҳар як шаҳрванд ба худшиносӣ ва барқарор кардани хотираи таърихии хеш беш аз пеш ниёз доранд. Дар чунин шароит зарурияти пешниҳоди консепсияи нави тафаккури таърихӣ ба амал омад.

Дар асару мақолаҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, алалхусус дар китоби бисёрҷилдаи "Тоҷикон - дар оинаи таърих" консепсияи нави тафаккури таърихӣ пешниҳод гардидааст. Ба шарофати ин консепсия шоҳроҳе гузошта шудааст, ки мардуми хирадманди тоҷик таърих ва фарҳанги қадимаи худро омӯхта, сатҳи маданияти умумӣ ва сиёсии худро дар асоси анъанаҳои муфиди аҷдодон ғанӣ мегардонанд. Ҳангоми омӯзиши таърихи гузаштаи худ шахс ба дунёе ворид мешавад, ки пур аз воқеаҳои муҳим буда, як ҷаҳон асрори ниҳоне дар он нуҳуфтаст, ки равшанкунандаи роҳи оянда низ мебошад. Чунон ки сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: "Мо бояд аз таърихи гузашта сабақ бигирем ва барои ваҳдати комили миллӣ корҳои бузургеро ба анҷом бирасонем."

Дар рафти омӯзиши таъриху фарҳанги худ бояд пеш аз ҳама ба омилҳои зерин, яъне аз худ кардани таҷрибаи муфиди таърихӣ, диққати ҷиддӣ додан ба фарҳангу тамаддуни ниёгон, таҳлили объективонаи мушкилиҳо, камбудиҳо ва каҷравиҳо дар гузашта ва равшан донистани вазифаҳои имрӯза ваояндаи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон диққати махсус дода шавад.

Дар хусуси надонистан ва воқиф набудан аз гузаштаи худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд кардаанд: "Агар кас гузаштаи худро надонад, инсони комил нест!" Ин гуфтаҳо дар воқеъ инсониятро воқиф месозад, ки ба омӯзиши гузаштаи худ диққати ҷиддие диҳад, то дар ҷомеа мақом ва мартабаи худро ҳамчун инсони комил пайдо карда тавонад. Надонистани гузаштаи худ ин фоҷиаи басо бузург ва зарбаи ниҳоят сахт аст ба пойдевори фарҳангу тамаддуне, ки миллат дар тӯли таърих бунёд кардааст.

Агар аз рӯи ҳамаи он нуқтаҳое, ки дарҷ гардиданд, хулоса барорем, пас, он шаҳрвандоне, ки таваҷҷуҳ надоранд ба мероси гаронбаҳои миллати худ ва аз таъриху фарҳанг, тамаддуни гузаштаи миллати худ воқиф нестанд, дар мудати начандон тӯлонӣ хатари аз байн рафтани миллату тамаддун ва фарҳанг онҳоро таҳдид мекунад. Таърих гувоҳ аст, ки аз рӯи чунин беэҳтиётӣ ва воқиф набудан аз гузаштаи хеш қисме аз давлату миллатҳои абарқудрат пора-пора шуда, аз тамаддун ва фарҳанги офаридаи хеш маҳрум гардидаанд, ки мутаассифона дар таърих ин гуна фоҷиаҳои даҳшатбор хело зиёд мебошанд.

Ҳар як шахсро мебояд, ки ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ, сабаб, натиҷа ва муҳимтар аз ҳама сабақи онро барои имрӯз ва оянда дарк кунад. Ба ҳамин маъно Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд кардааст: "Мо бояд аз таърихи гузашта сабақ бигирем ва барои ваҳдати комили миллӣ корҳои бузургеро ба анҷом бирасонем."

Роҳи худшиносӣ ва хештаншиносии миллӣ дар назари тоҷик арзиши муайян пайдо кардани тоҷик аст, новобаста ба мансубияти маҳаллии он. Ин маънои онро надорад, ки нисбат ба дигар халқу миллатҳое, ки ҳамроҳи мо бародарона зиндагӣ мекунанд, беэътиноӣ кард, ҳаргиз, чунки чунин гузориши масъала ба миллатчигӣ мебарад. Чунон ки Пешвои муаззами миллати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд: "Худшиносии миллӣ, ифтихори миллӣ ҳаргиз маънои онро надорад, ки мо худро ба дигар халқҳо муқобил гузорем, зеро ҳар халқ дар таърих мақому манзалати хос дорад, мувофиқи шароити ҷуғрофию таърихии хеш дар тамаддуни башарӣ саҳм гирифтааст."

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъияти ба миён омадаро саривақт таҳлилу баррасии амиқ намуда, таъкид карданд: "То расму ойин ва маросимҳои милливу динии худро ба як низоми муайян надорорем ва хароҷоти беҳудаву зиёдатии мардумро аз байн набарем, ба қабулу татбиқи барномаҳои давлатӣ ва сарфи маблағҳои зиёд дар масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба натиҷаҳои дилхоҳу назаррас ноил шуда наметавонем."

Забон асоси ҳастӣ ва бақои умри миллат буда, ифтихор аз ватану ватандорӣ, таъриху фарҳанг, миллат ва ҳуввияти миллат афзалтар аз ҳама дар поку бегазанд нигоҳ доштани забони модарӣ ифода меёбад. Таърих гувоҳ аст, ки баъди гум кардани забони модарӣ давлат низ дер ё зуд тафаккур ва ҳатто давлату давлатдории миллии худро аз даст дода, забон ва унсурҳои фарҳанги бегонаро мепазиранд. Пас, моро зарур аст, ки ба ин муқаддасоти миллӣ арҷ гузошта, фарзандони худро дар рӯҳияи поку беолоиш нигоҳ доштани забони модарӣ тарбия намуда ба воя расонем.

Дигар масъалае, ки зери таваҷҷӯҳи Пешвои миллат қарор дорад, ин арҷ гузоштан ба фарҳанги миллӣ, махсусан ба либосҳои миллии тоҷикона мебошад. Таърих гувоҳ аст, ки зан ва модари тоҷик дар ҳама давру замон посдори оину анъанаҳои муқаддаси халқу миллат ба шумор мерафтанд. Яке аз нишонаҳои асосӣ ва хосаи муаррифгари фарҳангу тамаддуни миллатҳои мухталифи дунё либоси миллии онҳост. Аммо, мутаассифона он сару либосе, ки миёни бонувони кишвар дар баъзе маҳаллаҳои Тоҷикистон, хусусан дар деҳоти мамлакат ва гоҳҳо дар шаҳрҳо муд шудааст ва ягон асолати милливу динӣ надоранд, ин ҳама аз тақлиди кӯр-кӯрона ва нобасомонии бонувон аст, ки реша дар ҷаҳолату нодонӣ ва ноогоҳӣ аз фарҳанги миллӣ дорад.

Дар кишвари мо нафареро пайдо намудан душвор аст, ки мафтуни сеҳру ҷаззобияти атласу адраси Суғд, гулбасту чакани Хатлон, гулдӯзиҳои нотакрори минтақаи Рашт, алочаву шоҳии водии Ҳисор, рангҳои пурҷилои куртаву тоқӣ ва ҷӯробҳои Бадахшон набошад. Пас, зани тоҷикро зарур аст, ки мафтуни ҷаззобияти атласу адрас, гулбасти чакани Хатлон ва гулдӯзиҳои нотакрори минтақаҳои худ бошанд ва аз рангҳои пурҷилло истифода баранд. Набояд фаромӯш кард, ки арҷ нагузоштан ба ҳунар ва тамаддуну таърихи худ беэҳтиромӣ нисбат ба миллат аст. Либоси миллии тоҷикона ёдгорӣ аз аҷдодонамон аст, ки нишон, фарҳанг ва маданияти тоҷиконаро акс мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои хеш, аз ҷумла Паёмҳои ҳамасола доир ба тарбияи худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ суханрониҳо намуда, таъкид менамоянд, ки "Раванди худогоҳиву худшиносии мардуми кишвар густариши тоза пайдо карда, ҳисси ифтихори миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ ба пояи сиёсати давлатӣ бардошта шуд."

Чунон ки маълум аст, барои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳае нест, ки аз пеши назарашон дур монда бошад ва ҳамин аст рисолати Пешвое, ки дар пайи бозовариву боздеҳии истеъдодҳои миллат мебошанд.

Пас, ҳар як фарзанди босадоқати мамлакатро мебояд, ки ин гуфтаҳоро шиори рӯзмарраи худ намуда, нагузорад, то нохалафе ба мақсадҳои ғаразноки худ расад. Шукронаи даврони истиқлол намуда, кӯшиш ба харҷ бояд дод, то барои рушди иқтисоди кишвар ва устувории пояи сулҳу ваҳдат саҳми арзанда гузорем. Зиндагии навини мардумони мо аз ҳар нафари тоҷику тоҷикистонӣ садоқатмардона сайқал бахшидани андешаи миллиро тақозо дорад, ки худогоҳӣ, худшиносӣ ва маҳорату маърифати беназирро таҳким мебахшад.

***Ҳабибилло РАҲМОНОВ,***
***ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълим***

# ВАБОИ АСР ВА ХАТАРИ ГЛОБАЛӢ

**Терроризм ва экстремизм аз як ҷониб чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳар як сокини сайёра аст.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Имрӯзҳо вазъи сиёсии давр кулли давлатҳои даҳрро ба ташвиш ва ҳатто ба таҳлука овардааст. Айни замон давлатҳои ҷаҳон дар роҳи мубориза бар зидди терроризму экстремизм қонуну санадҳои муштарраку инфиродиро таҳия месозанд, чораҳои пешгирикунанда меандешанд. Ҷаҳд бар он доранд, ки пеши ин роҳи номатлубро гиранд ва амнияти халқияту миллатҳо таъмин намоянд.

Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо чун як давлати мустақил ба арсаи ҷаҳонӣ қадамҳои худро дар солҳои 90-уми асри XX ниҳода буд, нахуст аз ҳама бо сархалонии исломи сиёсии ифротӣ ба кори давлату давлатдорӣ (мақсади нопоки онҳо ба ҷуз соҳиби мансаб шудан чизи дигаре набуд, гӯем хато намекунем), гул задани нафарони камхираду тарбиянодида бархе аз хурду бузургсолонро тавассути ваъдаҳои болохонадор бо ҷанги шаҳрвандӣ бурд ва Тоҷикистони озодро ба сарсонӣ расонд ва ба ҷиноятҳои терроризм, экстремизм, сепаратизм, хариду фурӯши силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва ҳатто хариду фурӯши одамон дучор намуд.

Боис ба хурсандист, ки Тоҷикистон дар кӯтоҳтарин муддат бобати ин раванд ба ҷомеаи ҷаҳонӣ шомил гардида, аз рӯзҳои аввали давлатдорӣ ин қабил ҷиноятҳоро сахт маҳкум карда, ба қонунҳои амалкунанда тағйироту иловаҳо даровarда, ба созмонҳои байналмилалии давлатию ғайридавлатӣ дар ин раванд пайваст гардидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи мубориза бо терроризм ва экстремизм таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Ҳеҷ ҷои пӯшида нест, ки айни замон авзои ноорому бесуботи сиёсии сайёра боиси ташвишу нигаронии ҷиддии ҷомеаи ҷаҳон аст.

Таърих гувоҳ аст, ки саҳифаҳои гузаштаи дуру наздики инсоният ҳеҷ гоҳ аз амалҳои зишти террористон холӣ набуданд. Террористон дар ҳеҷ як давру замон манфиатҳои миллиро ба назар нагирифтаанд ва намегиранд.

Терроризм, бахусус, экстремизми динӣ бадтарин ҷараёнест, ки мардумро, хосатан, ҷавонони камсаводу тарбияи комил надида ва аз олами сиёсӣ бехабарро ба осонӣ ба доми ҳиллаю найранги худ афтонда, сӯистифода аз яроқ ва террор мақсад ва амалҳои ноҷавонмардонаю ифлоси хешро анҷом медиҳанд.

Гурӯҳҳои террористию экстремистӣ аз тарафи давлатҳои абарқудрати ҷангҷӯй дастгирӣ меёбанд, кӯмаки пулию молӣ мегиранд ва тавассути камхирадони роҳгумкарда ба нияти нопоки худ расидан мехоҳанд.

Сарвари кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояшон гуфта буданд: "Бубинед экстремизми динӣ дар симои "Толибон" ба чи ҷаҳолатҳо даст мезананд. Дар амалиёти онҳо экстремизм, шовинизм, иртиҷоъ ва таассуб ба ҳам омезиш ёфта, дар натиҷа баъзе халқҳо, аз ҷумла, тоҷикон қатли ом мегарданд, осори таърихӣ ва ёдгории фарҳангии ин сарзамин ваҳшиёна аз байн бурда мешавад."

Хулоса, ҳар ҷойе, ки қадами номубораки онҳо мерасад, он макон вайрону валангор ва мардумаш хору залил мегардад...

Мо, омӯзгорон бояд ҳарчи бештар шогирдонро дар рӯҳияи ватандӯстию ватандорӣ ва расидан ба қадри Ватан, хештаншиносию худогоҳии миллӣ ва омӯхтани илму дониш тарбия намуда, ҳидоятгари меҳру муҳаббат доштан ба миллати хеш бошем.

***Бахтовар МАҲСИДДИНОВ,***
***омӯзгори кафедраи методикаи таълими информатика***

*Пеша омӯз, эй писар, ки туро*
*Пеша бошад амон зи дарвешӣ.* *Муҳаммад Авфӣ*



# КИТОБ ВА КИТОБХОНӢ - ЗАМИНАИ МУСТАҲКАМСОЗИИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНҲОИ ҶУМҲУРИЯВӢ



Китоб як рукни муҳими тамаддуни башарӣ ва ҷузъи ҷудонопазири зиндагии инсон аст. Аз ин лиҳоз, мардуми олам бо арзи муҳаббату эҳтиром китобҳо, ганҷинаи маънавии ниёгонро дар хазинаҳои миллии хеш ҳифзу нигаҳдорӣ мекунанд, то наслҳои имрӯз ва оянда аз онҳо барои рушду камолоти маънавии худ истифода баранд.

Китобу китобдорӣ яке аз суннатҳои қадимаи мардуми тоҷик ба шумор меравад. Агар ба таърихи тамаддуни ин миллат аз диди таҳқиқ назар афканем, мебинем, ки дар тамоми марҳилаҳои таърихӣ, новобаста аз вазъи сиёсию иҷтимоӣ тоҷик ба китобхониву китобдорӣ ва ҳифзу нигоҳдории он таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекарданд. Дар заминаи суннатҳои мавҷудаи фарҳангӣ ва анъанаҳои арзишманди китобу китобдории миллӣ бо истифода аз таҷрибаи пешқадами китобхонаҳои давлатҳои рушдёфта ва меъёрҳои байналмилалӣ соҳаи китобдорӣ дар Тоҷикистон такмил дода шуд. Мардуми фарҳангпарвар ва ҳунардӯсти тоҷик дар эҷоди китобу китобхона миёни миллатҳо пештозу пешрафта ба шумор меравад. Ин миллат дар ҳама даври замон рӯи дасташ китоб буд. Кору рӯзгорашро бо мутолиаи китоб рангу бори маънавӣ мебахшид. Аҳамияти китоб, бахусус дар тарбияву ҳидоят ва ташаккули шахсияти насли наврасу ҷавон бениҳоят бузург аст. Ин маъниро Пешвои миллатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон борҳо зикр кардаанд. Аз ҷумла, дар Паёми соли 2019 қайд намудаанд, ки: "Мо бояд ба таърихи гузаштаамон ҳарчи бештар рӯ оварем ва дар қалби фарзандонамон меҳри китобхонӣ ва ҷустуҷӯи илму донишро ҷой кунем."

Ҳанӯз 4 сентябри соли 2007 Пешвои миллат зимни гузоштани санги асос ба бунёди Китобхонаи миллии Тоҷикистон иброз доштанд, ки "Бо назардошти аҳамияти бузурги китобу китобдорӣ ва донишу маърифат пешниҳод менамоям, ки дар қатори идҳои дигар рӯзи оғози сохтмони Китобхонаи миллӣ ҳамчун Рӯзи китоб муқаррар карда шавад."

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ҳамешагӣ ба рушду нумӯи соҳаи китобу китобдорӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамояд. Бо ҳидояти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи ин анъанаи варзида эҳтироми китобу китобхонӣ корҳои шоёне анҷом дода шудааст, ки бузургтарини онҳо бунёди бинои нави Китобхонаи миллӣ мебошад. Китобу китобдорӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ дар радифи соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа ба дастовардҳои назаррасе ноил гаштааст.

Ин пеш аз ҳама қабули як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ доир ба соҳаи китобдорӣ, таъсиси мағозаҳои китобфурӯшӣ дар тамоми манотиқи кишвар, баргузории намоишгоҳҳои байналмилалии китоб, нашри силсилаи китобҳои "Ахтарони адаб" иборат аз 50 ҷилд, таҷлили "Рӯзи китоб", бунёди биноҳои нави китобхонаҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ва баргузории озмунҳо оид ба китобу китобхонӣ муҳимтарин дастовардҳои даврони истиқлол мебошанд.

Ҷопониҳо ба он назаранд, ки "Ҳар инсон агар ду моҳ китоб нахонад, 80% шуурнокияш кор намекунад". Ин гуфта барҳақ дуруст аст. Агар нафаре китоб нахонад, ба ҳар коре даст мезанад. Барояш фарқ надорад, ки оқибати он чӣ мешавад. Миллати тоҷик аз шумори он миллатҳоест, ки дорои фарҳанги бойи китобхониву китобдорӣ аст.

Сиёсати давлату ҳукумат дар ин бобат арзанда аст, ба мисоли таъсиси китобхонаҳо ва таъмини онҳо бо китоб. Ҳамзамон, озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" намунаи олии тарғиби китоб аст, вале агар мардум ба ин таваҷҷӯҳ накунанд, натиҷа ба бор намеояд. Ба ин мисол шуда мешавад наздики ҳама наврасону ҷавонон имрӯза, ки рӯзи худро дар интернет-кафеҳо, калян-барҳо паси корҳои ношоиста мегузаронанду падару модар огоҳӣ дошта бошанд ҳам, аксуламале нишон намедиҳанд. Бар хилофи ҳамаи ин гуфтаҳо имрӯз гурӯҳе аз ҷавонон ҳамаи қолабҳоро шикаста, насле ба вуҷуд омадаанд, ки ҳам насли интернет ҳастанд ва ҳам насли китоб, ки ин хушҳолкунанда аст.

Рӯҳи бузургони миллат шод мегардад, замоне ки мардум дар хонаҳои худ барои шинохти таърих фарҳанг, миллат, давлат ва дину мазҳаби худ китобҳои "Шоҳнома", "Маснавии маънавӣ", "Гулистон", "Ёддоштҳо", "Тоҷикон" ва бархеи дигаре аз ин гуна китобҳоро худ хонанду сипас ба кӯдакони худ талқин намоянд.

Ба умеди фардои дурахшони меҳан азизони ҳамватан, биёед аҳли китоб шавем! Тавассути он дунёро дарк созем ва ба кашфиётҳои бузург даст занем.

Ҷойи китобро дар оянда чизе гирифта наметавонад, ончунон ки дар гузашта чизе ҷойи китобро гирифта натавонист.

Мавриди зикри хос аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ҷалби китобхонии мардум ва баланд гардидани маданияти китобхонӣ озмунҳои ҷумҳуриявиро эълон кардааст.

Дарвоқеъ, мутолиа намудани китоб фаъолияти боарзише мебошад, ки муҷиби пешрафти ҷомеа дар заминаҳои мухталиф, аз ҷумла фановарӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад. Чуноне донишманду файласуф Суқрот мегӯяд, "Ҷомеа вақте фарзонагиву саодат мебинад, ки хондану мутолиа кори ҳаррӯзаашон бошад". Аммо бисёре аз афроди ҷомеаи имрӯза ин муҳиммиятро нодида гирифта, вақти пурарзиши умри худро сарфи мутолиаи китоб қарор намедиҳанд. Донишмандон китобро сарчашмаи ақлу хирад, донишу заковат ва беҳтарин ҳамнишину ҳамроз, омӯзгори беминнат, ҳамсӯҳбати хушгуфтору беозор номидаанд. Зеро китоб чун хуршед фазои зиндагиро равшан мекунад, чун борон бар сарзамини қалбҳо меборад ва андешаҳову кирдорҳоро равнақу зебоиву тароват медиҳад. Китоб нақше ба монанди парандагон ба одамӣ дорад, ки ӯро барои бол кашидану парвоз намудан омода месозад. Дар партави китоб аст, ки шукуфоӣ, сарсабзиву боландагии фарҳангу маърифати мо ба авҷ мерасад. Китоб волотарин ҷойгоҳро дар густурдагии фардиву иҷтимоӣ доро аст, ки бар қалбҳову андешаҳо медурахшад ва пайваста бар зиндагӣ нӯрафшонӣ хоҳад кард.

***Ҳасан ШОИНОВ,***
***саромӯзгори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***
***Қаюмова М.К.,***
***китобдори Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб***

# МОДАРОН ФАРИШТАҲОИ ЗАМИНИЯНД

Модар аз зеботарин, гӯшнавозтарин, пурбортарин ва муқаддастарин вожаҳост. Модар вожаест, ки ҳарду ҳиҷои афсункораш моро ба дунёи дигар мебарад, ба дунёи поку рӯшани кӯдакӣ, ба дунёе, ки ҳама бо якдигар меҳрубонанд, ба дунёе, ки он ҷо ҷуз меҳру садоқат ҳеҷ мафҳуми дигаре вуҷуд надорад.

Зан - модар ибтидои ҳастии башарият, мабдаи меҳру вафо ва рамзи муҳаббату садоқат мебошад.

Модар мавҷудест, ки ба фарзанд ҳаёт мебахшад, ӯро бо шири сафеду ҷонбахшаш ва бо муҳаббате, ки танҳо хоси модарон аст, тарбия мекунад, ба камол мерасонад ва ба чор сӯи зиндагӣ дуои нек медиҳад.

Бинобар ин, арҷ гузоштан ба бузургии модар, ба ҷо овардани иззату эҳтироми ӯ ва расидан ба қадри заҳматҳои шабонарӯзии вай вазифаи солимфикру соҳибхирад ва қарзи инсонии ҳар як фарди бонангу номус ба шумор меравад.

Дар бораи зан - модар ҳамаи нависандагон ва шоирон суханҳои зиёде гуфтаанд. На танҳо шоирони тоҷик ва туркзабон, балки шоирони рус ва дигар шоирони хориҷӣ низ дар васфи зан - модар шеър ва достонҳо навиштаанд.



Балзак чунин гуфтааст: Зан, ки моро дӯст дошт, ҳама гуна хатоҳоямонро мебахшад."

Виктор Ҳюго гуфтааст: Зан заиф аст, аммо модар пурқувват аст.

Саҳми занону духтарон дар рушди соҳаҳои илму маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва дигар самтҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии кишвар торафт афзун шуда истодааст. Имрӯзҳо дар соҳаи маорифи кишвар 73 фоиз, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 67 фоиз ва фарҳанг 51 фоиз занону бонувон фаъолияти пурсамар доранд. Тибқи маълумот дар соҳаҳои гуногуни кишвар 116 нафар докторҳои илм ва 1124 нафар номзадҳои илм, аз ҷумла 15 доктор ва 133 номзади илм дар соҳаи илмҳои дақиқ аз ҳисоби занон фаъолият мекунанд. Беш аз 82000 нафар занону духтарони тоҷик касби бошарафи омӯзгориро ба ӯҳда дошта, дар таълиму тарбияи наслиояндасози кишварамон нақши арзанда мегузоранд. Занони боиродаи тоҷик ҳатто дар дурдасттарин деҳоти кишвар ба сифати таҳсилот диққати ҷиддӣ дода, баробари волидайн дар тарбияи хонандагон ҳисагузор мебошанд.

Боиси ифтихор аст, ки имрӯз занон ва духтарон дар самти мудофиаи марзу буми ватан, амният на танҳо ба кор пазируфта мешаванд, балки мақоми роҳбарӣ доранд. Онҳо дар баробари мардон парчамбардори истиқлол, таҳкимбахши ваҳдати миллӣ ва дар амал татбиқкунандаи сиёсати Пешвои миллат мебошанд.

Мо дар миёни занон мутахассисони варзидае дорем, ки ҳатто дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ унвони баланди "Муаллими сол" ва "Мураббияи сол"-ро сазовор гардидаанд.

Ҳакиме мефармояд: "Фақат мардон нестанд, ки ғайрат доранд. Бовар кун, занҳо ҳам раги ғайрате доранд, ки агар гул кунад, ҳувияти мардонро зери суол мебарад!". Эътимоди мо бар ин қавл сад дар сад аст ва бар он ҳам бовар дорем, ки занон - модарони мо ин қувват матонати бемисли худро пайи шукуфоии ватан ва парвариши фарзандон сарф хоҳанд кард, то фардои кишварамон ба маротиб зеботар аз имрӯз бошад.

***Саодатхон МУРОДОВА,***
***ассистенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ***

# ОИД БА МАҲСУЛОТИ ҚАННОДӢ

Маҳсулоти қаннодӣ яке аз хӯроквориҳои серғизои ширин буда, мазза, бӯй, намуди хуб дорад, ки бо қимати баланди истеъмолӣ ва хуб ҳалшавандагии худ аз дигар ғизоҳо фарқ мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ аз қадимулайём маълум буд ва то ҳол қаннодони алоҳидаи маҳаллӣ дар ноҳияҳои гуногун намудҳои гуногуни ин маҳсулотро барои тайёр намудан ва ороиши дастурхонҳои туёна истифода мебаранд.

Аз рӯи татқиқотҳо ба ҳисоби миёна дар 100 грамми ин маҳсулотҳо 250-350 ккал ё 1045-1465 к. ҷоул (грамм) энергия доранд.

Ҳамаи маҳсулотҳои қаннодӣ дар натиҷаи коркарди шакар ва дигар моддаҳои ширинии ёрирасон ба монанди: асал, шира, шарбат ва мағзи меваҳои гуногун, шир, тухм, равған, хокаи какао, орд, кислотаҳои хӯрока, рангдиҳандаҳо ва дигар маҳсулотҳо истеҳсол мекунанд.



Худи калимаи кондитер, яъне қаннод аз калимаи лотинии «conditor» гирифта шуда, маъноаш устоди маҳсулоти қаннодӣ мебошад.

Тайёр намудани маҳсулоти қаннодии баландсифат на танҳо аз раванди технологияи илман асоснок кардашуда, балки аз малакаи истифодаи хосиятҳои табиии ашё, завқи баланд ва санъати қаннод вобастагии калон дорад. Агар маҳсулотҳои пешниҳоднамудаи мо ба маҳсулотҳои қаннодии орди мансуббуда бо иловаи сабзӣ омода карда шудааст, аз ҷиҳати экологӣ тоза ҳисобида мешавад.

***Моҳсафар БОБОХОНОВА,***
***ассистенти кафедраи мудофиаи гражданӣ ва ОДҲ***

*Наяндешӣ аввал чу дар пешаҳо,*
*Саранҷоме пеш ояд андешаҳо.* *Хусрави Деҳлавӣ*



# ДУ-СЕ ЧАШМОНИ БИНО ЧАШМИ ДУНЁЯНД...

***Эҳдо ба ташрифи Нависандаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ - Абдулҳамид Самад ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***



***Раҳмон Дилшод Сафарбек, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***



Дар осори ҳамаи бузургон, нобаста аз қавму миллат ахлоқ, фарҳанг, маданият, хосатан, инсон будан мавқеи меҳварӣ дорад. Ҷаҳду талош барои расидан ба ин мақоми воло, камбахтона, ба ҳар кас созгор намеафтад. Касе ба ин мақом мерасад, ки фитрати азалӣ дорад.

Тарбияи инсон ва ба камоли инсонӣ раисидани ӯ танҳо ба воситаи олиму донишманд ва инсони бофазл амалӣ мегардад. Ба пиндори Шамси Табрезӣ: "Ҳақиқати ин дунё ва тарбияи нобиғаҳои давр танҳо аз тариқи ақли инсонӣ донистан имкон дорад, ки таҳсили илм асоси онро ташкил медиҳад.

Моҳияти ин масъала дар таълимоти мутафаккирони тоҷик мақоми шоиста дорад. Носири Хусрав илму донишро бақои инсонӣ баҳо дода гуфтааст: "Тан ба ҷон зинда асту ҷон ба илм".

Мавлоно Балхӣ ба мақому ҷойгоҳи инсони некному шуҳратёр расиданро дар оқибатбинӣ, эҳтироми худ ва дигарон, маърифатхоҳию илмпарварӣ, ки ҳамагӣ маншаъ аз илм мегиранд ва илму дониш ҷони ҳама ин комёбиҳо, ганҷи беҳтарини инсонӣ ва сафои ранҷҳои одамизод аст, мебинад. Масъалаи расидан ба мақоми инсонӣ дар маркази диду эътиқоди Мавлоно қарор дорад.

***Хотами мулки Сулаймон***
***аст илм,***
***Ҷумла олам сурату***
***ҷон аст илм.***

Ин ҳама мақому барҷастагӣ, ки инсонро ба фазилати барҷаставу дараҷоти комил мерасонаду соҳибном мегардонад, танҳо ва танҳо тавассути илму дониш ба даст меояд.

Соҳибном будан аҷиб эҳсосе дорад. Эҳсоси хушбахтӣ, озодӣ, саодатмандӣ, комронӣ, бахтиёрӣ ва амсоли инҳо. Соҳибномӣ ифодаест, ки аз чанд ҳарфи бо ҳам пайванди назарногир, вале дар паҳноварӣ оламеро шуҳрату шон. Мисоли зарфи бекороне, ки ғунҷоиши ҳама чизро дорост. Дар тасвироти рангину зебоиҳои чашмрабои ин зарф мо ояндаи неку зиндагии шоиста, хаёлоти рангини мисли ҳаёти кӯдакӣ беғаш, эҳтироми насли одамӣ, хидмати бедареғ ба халқу Ватан, тарғиби илму дониш ва ахлоқи неки инсониро мебинем ва дар замири насли наврас талқин менамоем.

Хурсандибахш аст, ки миллати соҳибтамаддуни тоҷик баъди ҷафоҳои зиёди таърихӣ бо азму иродаи Худовандӣ тавассути фарзанди ҷонфидои миллат, абармарди давру замон, родмарди арсаи сиёсат, меросбари фарҳанги пурифтихору деринбунёди давлатдории ориёнӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллати тоҷик ба мақоми ҳозир сол қабл аз дастдодаи худ баргашта, аз вартаи нобудӣ раҳоӣ ёфта, як кишвари пешрафтаву соҳибмақом гардид. Ин соҳибмақомӣ барои арҷ гузоштан ба сарватҳои маънавию фарҳангӣ, иҷтимоию иқтисодӣ фурсат муҳаё сохт. Дар ин марҳила аҳли зиёи мамлакат, хосатан адибону шоирон, нависандагони хушхомаи миллат пешсаф буда, соҳми бориз гузоштанд.

Ин чакомаи муқаддимотӣ ба рӯзгор ва зиндагии нависанда, рӯзноманигор, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Нависандаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ - Абдулҳамид Самад дар сарҳати пешгомҳо ва андешаи хонандаи худ мақоми ҳамешагӣ касб кардааст. Ин мақому ҷойгоҳро ӯ бо нуги килки сеҳрангезу кам гардидани нури чашмону сафедии муйҳо ва ҷилваи оҷанг дар чеҳрааш ба даст овардааст.

Шуҳрати волову хомаи сеҳрангези устод Абдулҳамид Самад ба гом бардоштанҳои ӯ дар гаҳвораи суханварию мактаби ахлоқ мисли рӯзномаи "Тоҷикистони Советӣ", маҷаллаи адабии "Садои Шарқ", "Адабиёт ва санъат", моҳномаи "Фарҳанг", ки саҳфаи зиндагии аксар қаламкашони номвари миллати тоҷикро ин мазмун пур мекунад, алоқамандии бевосита дорад.

Ба қалами ин нависандаи шуҳратёр, ки мақбули хонанда ва муҳити илмиву адабӣ гардидааст, маҷмӯаҳои "Шохи чанор" (1981), "Баъд аз сари падар" (1982), "Паррончакҳо" (1983), "Пиёлаи шикаста" (1986), "Аспи бобом" (1986), "Косаи давр" (1987), "Майдон" (1989), "Акаи ошиқ" (1992), "Шаҳдрези садо" (1997), "Баъд аз сари падар" (мунтахаби қиссаҳо; ба ҳуруфи форсӣ, Теҳрон, 1999), "Талош" (2002), "Гардиши девбод" (2007), маҷмӯаи ҳикояҳои барои хурдсолон "Ман ошнои ту, ту ошнои ман", (1999, 2003), "Гиряи хирс" (2006), "Гардиши девбод" (ба ҳуруфи форсӣ, 2012) ва ғайра тааллуқ доранд.

Мавзуи меҳварии осори Абдулҳамид Самадро дӯст доштан, эҳтиром ба насли калонсол, маҳкум намудани дурӯягӣ, пулпарастӣ, худписандӣ, муҳаббат ба Ватан, тасвири табиат ва зебогиҳои Ватан, миллатпарварӣ, худшиносии миллӣ ва таҳкими ормонҳои миллӣ ташкил медиҳад.

Устод Абдулҳамид Самад дар нахустин нигоштаи худ бо номи "Баъд аз сари падар" (1979) эҳтиромро ба нахустин мактаби инсонӣ ва аввалин омӯзгорону ҳамраҳони ҳаётӣ - падару модар оғоз намудааст. Дар ин қисса ҳаёти писарбачае тасвир гардидааст, ки ба хотири туҳфаи тағоиш, ки аз мағозаи бароиш велосипед харида буд, муҳаббаташро аз падар меканад ва аз ӯ мутанафир ҳам мегардад. Дар идомаи қисса гуфта мешавад, ки баъди вафоти падар дороиҳои ин хонадон аз ҷониби амаки писарбача - Аҷик ғасб мешавад ва зиндагии қашоқона онҳоро доман мегирад. Писарак дар хонаи тағояш азоби уқубати сангин мебинад ва он меҳру муҳаббатеро, ки дар иввази ин қадар нафрату бадбинӣ аз падар эҳсос мекард, пазмон мешавад, вале дигар он барнемагардад. Нависанда дар қисса ишора ба он мекунад, ки эҳтиром, муҳаббат, дӯст доштан ва ба қадри самимияту меҳрубонӣ расидан, аз оғӯши волидайн оғоз меёбад. Ҳар инсоне тарбияи нахустин дабистон - хона, оғӯши падару модарро бенуқс бигирад,ояндаи рушану нек дорад. Шоире дар ин бора ишора мекунад:

***Хишти аввал гар***
***ниҳад меъмор каҷ,***
***То сураё меравад девор каҷ.***

"Ҳақиқат имрӯз ва ё фардо бармало мешавад" - чунин таъбири машҳуре ҳаст. Ин ишора бар он аст, ки замони дар асорати таърихӣ қарор доштани тоҷикон, махсусан, замони Шуравӣ зимомдорон бештар аз асли хеш берун кашидани миллатҳоро дунбол мекарданд. То имрӯз зиёданд, мутаассифона, шахсиятҳое, ки дар гуфтани ин ҳақиқат аз эҳтиёт кор мегиранд. Лекин дар он шабу рӯз устод Абдулҳамид Самад дар эҷодиёти худ аз ҳувияти миллӣ сухан мегуфт.

Дар як суҳбати ихтисосӣ рӯзноманигор аз устод Абдулҳамид Самад мепурсад: "Дар замони Шӯравӣ ... сохтор бештар беҳувиятсозии миллатҳоро дунбол мекард, Шумо ... дар он айём дар эҷодиёти худ аз ҳувияти миллӣ сухан мегуфтед. Мушкиле барои чунин андешаҳоятон пеш намада буд?"

Устод мегӯяд: "Худшиносӣ ва ҳифзи ормонҳои миллӣ ҳеҷ гоҳ осон набуд, монеаву хатарҳоро дар пай дошт, вале мебояст, ки ба ин талош кунем... Агар деҳқон барои дигарон кишт бикунад, ин талх ва нангин аст. Ин ҳамон ғуломӣ, ҳамон вобастагӣ аст. Миллати мо дар ин роҳ, ки ба худшиносии миллӣ бирасем, бисёр душвориҳоро пушти сар кард, ҳазоронро қурбонӣ ҳам дод".

Аксаран қудрату тавоноӣ ва ҷасоратро ба молу сарват алоқаманд медонанд, лекин дар замири устод Абдулҳамид Самад, ки ба қавле яроқи ӯ қалам аст, бараъло падидор аст. Ӯ мегӯяд: "Дар мо як фаҳмиши ғалате аст, ки дар доираи мафҳуми "ҳифз кардан" танҳо ҳудуди ҷуғрофиро мефаҳмем. Не, ин тавр нест. Тоҷикистони мо - ин ватани ҷуғрофиёии имрӯзаи мо аст. Дар ин баробар, мо ватани таърихӣ дорем, ки ҳудудаш хеле бекарон аст ва марзу буми васеъеро дар бар мегирад. Аз шаҳрҳои қадимаи фарҳангӣ то пойтахтҳои басо илмуву адабӣ. Ва ин ҷо бояд шахсиятҳои миллиро сарфи назар накунем, чунки пояи асосии худшиносии миллӣ аз ин дарё об меҳӯрад".

Зимнан бояд гуфт, ки осори гаронбаҳову гаронмояи устоди нуктадон Абдулҳамид Самад аз ҷониби устодону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст. Калимасозии вандӣ дар "Гардиши девбод"-и Абдулҳамид Самад", Таҳлили забоншиносии ономастикаи романи "Косаи давр"-и Абдулҳамид Самад, Котегорияҳои луғавӣ дар "Паррончакҳо"-и Абдулҳамид Самад намунае аз чанд пажӯҳишҳо махсуб меёбад.

Бо истифода аз фурсати мавҷуд ба устод Абдулҳамид Самад, ки умри хешро сарфи андарзу андешаҳои ҷолибе дар баёни ҳамзиствиву накӯкорӣ, ёрӣ ба ҳамдигар, дармон бахшидан ба дардҳои аз рӯзгор расида ва дурӣ ҷустан аз низову нифоқ бахшида аст, саломатии мудом, хушии рӯзгор ва офиятмандӣ орзу менамоям. Дар фарҷом бо мисраҳои устод Лоиқ Шералӣ, ки хело самимӣ гуфта шудааст, иктифо мекунам.

***Дар ин дунё ду-се чашмони***
***бино чашми дунёянд,***
***Ду-се тан покҷони покии***
***дунёи зебоянд.***
***Ду-се озодфикре ҷумла***
***оламро кунанд озод,***
***Ду-се равшанзамире***
***равшании ҳастии моянд.***

# КОНФРОНС: ВАТАНДӮСТӢ АЗ ОИЛА САРЧАШМА МЕГИРАД!



Чунон ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон қайд намудаанд: "Мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад".

Ба ин муносибат санаи 14-уми апрели соли равон дар бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо иштироки меҳмонони олиқадр аз ҷумҳурӣ конфронси ҳизбӣ таҳти унвони "Ватандӯстӣ аз оила сарчашма мегирад" баргузор гардид.

Дар конфронс раиси шаҳри Кӯлоб Назарзода Бахтиёр, роҳбари Дастгоҳи Кумитаи иҷроияи маркази Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Хонзода Абдураҳмон, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон Саидзода Ҷамшед, коршинос оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва байналмилалӣ Абдулло Раҳнамо, ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, раиси Кумитаи иҷроияи маркази Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб Сайвализода Салим, муовинони ректор, раисони Кумитаҳои иҷроияи ҳизбӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, кормандони масъули ҳизбӣ, аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ, аъзои ТҶҶ "Созандагони Ватан" иштирок доштанд.

Нахуст меҳмононро дар даромадгоҳи донишгоҳ донишҷӯён бо қироати порчаҳои шеърӣ ва парчамҳои ҳизбию давлатӣ пешвоз гирифтанд, ки ин нишонаи арҷгузорӣ ба аҳли илму сиёсати кишвар аз ҷониби ҷавонон аст.

Конфронс бо садо додани Суруди миллӣ оғоз гардид.

Ҷаласаи ифтитоҳиро раиси Кумитаи иҷроияи маркази Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб Сайвализода Салим оғоз намуданд. Сипас раиси шаҳри Кӯлоб Назарзода Бахтиёр Худоёр суханронӣ намуда, меҳмононро ҳайрамақдам гуфтанд. Аз ҷумла, зикр карданд, ки: "Бо эҳсоси баланди ватандорӣ дар пойдории сулҳу субот ва амнияти комил саъю кӯшиш менамоем. Ватандӯстиро на дар забон, балки дар амал нишон дода, бахри гул-гулшукуфоии Тоҷикистони азиз камари ҳимат мебандем".

Дар идома Роҳбари дастгоҳи Кумитаи иҷроияи Маркази Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Хонзода Абдураҳмон доир ба мавзуи ватандӯстиву хештаншиносӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар баромад намуда, аз ҷавонон даъват ба амал овард, дар шароити имрӯза ҳар яки моро мебояд бо дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар амал татбиқ намуда, илму фарҳанг, техника ва иқтисодиёти Тоҷикистонро рушд бахшем ва бояд ба Ватан, ки баҳрамони тинчиву осудагиро фароҳам овардааст, ҳаргиз хиёнат нанамоем. Ва ҳамеша шукри истиқлоли Ватани маҳбубамонро намоем.

Баъдан Саидзода Ҷамшед, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Раҳмон Дилшод Сафарбек, ректори донишгоҳ, профессор Абдулло Раҳнамо, коршинос оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва байналмилалӣ оид ба мавзуи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи байналмилалӣ маърӯзаҳои пурмуҳтаво пешниҳод намуданд.

Инчунин аз фаъолияти босамари аъзоёни ҳизб, афзоиши ҷонибдорони он, иштироки ҳизбиён дар ҳаёти фаъолияти иҷтимоиву иқтисодии вилоят ёдовар шуд. Ҳамзамон қайд кард: "Тарбияи дурусти наврасону ҷавонон аз оила сарчашма мегирад ва он метавонад идомадиҳандаи рӯзгори осоишта бошад. Аз баски дар аксар мавриди душманони миллат паҳлӯи заифи ҳар як дастоварди моро меҷӯянд, фаъолони ҷомеа, аз ҷумла аъзои ҲХДТ-ро мебояд, ки беш аз пеш фаъол бошанд, ба ҳар як сангафкании иғвоангезон вокуниши сареъ ва сазовор нишон дода, ҳамрадиф, тараққиёти кишварро боз ҳам возеҳтар муррифӣ кунанд".

Дар қисмати дигари чорабинӣ ба як қатор ҷавонони шуҷоу ватандӯст Сипосномаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб дар вазъияти тантанавӣ тақдим карда шуд.

Бо ҳамин кори конфронси ҳизбӣ таҳти унвони "Ватандӯстӣ аз оила сарчашма мегирад" ба кори худ хотима бахшид.

# "ҲАФТАИ ИЛМ" ДАР ДОНИШГОҲ БАРГУЗОР ГАРДИД

Дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо фармоиши ректор аз санаи 11.04.2023 то 14.04.2023 "Ҳафтаи илм" эълон шуд.

Аз ин рӯ, рӯзи 11-уми апрел дар бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ конфронси илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2022 ва вазифаҳо барои соли 2023 бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо баргузор гардид.



Дар конфронс ректори Донишгоҳ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовинони ректор, деканҳои факултетҳо, раёсат ва дигарон ширкат варзиданд.

Нахуст ректори донишгоҳ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек оид ба натиҷагирӣ аз корҳои илмӣ-таҳқиқотии ҳайати олимон, омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ дар соли 2022 ва нақшаҳо барои соли 2023 суханронӣ намуда, зикр намуданд: "Таваҷҷуҳи рӯзафзуни Ҳукумати мамлакат ба соҳаи илму маориф, дастуру супоришҳо ва роҳнамоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марҳилаи навбатии рушди давлатдории миллӣ, бо назардошти истиқболи шоиста аз 35-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ ва 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бунёди ояндаи дурахшон барои наслҳои оянда, дар назди мо аҳли илму маориф вазифаҳои мушаххас гузоштаанд.

Моро зарур аст, ки фаъолияти таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотиро бо масъулияту садоқати бештар ва синасӯзона ба роҳ монда, вазифаи асосии хеш - омодасозии мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнат ва таъминкунандагони рушди устувори кишварро сарбаландона иҷро намоем".

Инчунин зикр гардид, ки дар соли 2022 13 нафар омӯзгорон рисолаҳои номзадӣ ва 2 нафар рисолаи доктории хешро дифоъ намудаанд (Ашӯрова Нодира ва Назарзода Пиралӣ Сафар). Мавриди зикр аст, ки дар 8 соли охир дар донишгоҳ ҳимояи рисолаҳои докторӣ ба қайд гирифта нашуда буд.

- Ин дастовардро сараввал ба худи устодон ва сипас ба кулли коллективи олимону омӯзгорони донишгоҳ табрик мегӯям.

Хушбахтона, аз аввали соли 2023 то имрӯз 11 нафар омӯзгорон рисолаҳои илмии худро дифоъ намуда, 8 нафар барои ҳимоя то моҳи июни соли ҷорӣ иҷозат гирифтаанд.

Ҳамзамон, 34 нафар унвонҷӯён ва хатмкардагони зинаи докторантураи PhD рисолаҳои худро тахия намуда, дар арафаи пешниҳод ба Шӯроҳои дифоъ қарор доранд, - зикр кард ректори донишгоҳ.

Сипас Назарзода Пиралӣ Сафар, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент дар мавзуи "Ҷараёнҳои динӣ экстремистӣ-террористӣ дар Осиёи Марказӣ", Шарофат Худойдодова, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент дар мавзуи "Зуҳури таҳаммулпазирӣ дар амалияи журналистӣ", Мирзоев Азиз, муаллими калони кафедраи география ва сайёҳӣ дар мавзуи "Саҳми Пешвои миллат дар масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо ва обу иқлими сайёраи Замин", Насруллоев Асомиддин, ассистенти кафедраи химия ва методикаи таълими факултети химия ва биология дар мавзуи "Нақши саноати металлургӣ дар саноатикунонии босуръати кишвар", Абдулаҳадова Умеда, донишҷӯи курси чоруми факултети физика ва математика дар мавзуи "Электроника ва таҳқиқот дар соҳаи масолеҳшиносӣ" суханронӣ намуданд.

Сипас, ба як қатор омӯзгорони донишгоҳ барои саҳми муносиб гузоштанашон дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму маориф, инчунин ба донишҷӯёне, ки дар озмуни донишгоҳии расму тасвирҳои беҳтарин дар мавзуи пиряхҳо, чашмаҳо ва табиати зебои Тоҷикистон ҷиҳати эълон намудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ҷойи номоёнро ишғол карда буданд, бо сипоснома, ифтихорнома ва мукофотҳои пулӣ сарфароз гардонида шуданд.

Дар охир конфронс бо саволу ҷавоб ва музокироти профессорону омӯзгорон ба анҷом расид.

Кор дар бахшҳо аз нисфирӯзӣ оғоз гардид.

# БАРГУЗОРИИ МАҲФИЛИ ҶАМЪИЯТИ ИЛМИИ ДОНИШҶӮЁН



Санаи 26-уми апрел дар Маркази рушди касбият ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маҳфили навбатии ҷамъияти илмии донишҷӯёни факултети филологияи рус дар мавзуи "Плеяда писателей русской литературы" баргузор гардид.

Дар маҳфил муаллими калони кафедраи адабиёти хориҷӣ бо МТЗАР Салихова Лутфия, ассистенти кафедра Яқубова Сайрамбӣ, мутахассиси Маркази рушди касбият ва инноватсия Сироҷиддин Сафарзода ва донишҷӯёни факултет иштирок доштанд.

Нахуст муаллима Салихова Лутфия суханронӣ намуда, оид ба мавзуъҳои баррасишаванда маълумот доданд.

Сипас Абдуллоев Назирмад, донишҷӯи курси 1-уми факултет дар мавзуи "Сергей Есенин "Персидение мотивы" ва Исмоилова Шукрона, донишҷӯи курси 1-уми факултет дар мавзуи "А. С. Пушкин "Повести Белкина" баромад намуданд.

Дар охир миёни баромадкунандагон ва нишастагон оид ба мавзуъҳои баррасишуда саволу ҷавоб доир гардид.

# ВОХӮРӢ БО НАМОЯНДАГОНИ БОНКИ ОСИЁИИ РУШД

Санаи 25-уми апрели соли равон бо мақсади тадқиқоти пешакӣ барои тадбиқи лоиҳаи "Омодагӣ дар самти беҳтаргардонии таҳсилоти миёна дар самти илм, техника, инжинерия ва математика", ки аз ҷониби Бонки Осиёии Рушд маблағгузорӣ мегардад, ҳайати машваратчиёни Бонки Осиёии Рушд Ҷон Тим Деннӣ-мутахассис оид ба технологияҳои таълимӣ, Лигита Григуле-мутахассис оид ба рушди касбияти омӯзгорон, Барно Курбонова ва Камолзода Ноёб ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ташриф оварданд.



Меҳмононро муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ Шарофат Худойдодова ва сардори шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ Орзу Орипов қабул намуда, бо онҳо оид ба таърих ва дастовардҳои донишгоҳ дар даврони истиқлол, имкониятҳои донишгоҳ барои омодасозии омӯзгорони баландихтисос сӯҳбат доштанд. Сипас меҳмонон аз озмоишгоҳҳои факултети химия ва биология боздид намуданд.

*Устухонам гашта сахт аз кӯдакӣ бо шири ту,*
*Растам озод андар ин оғӯши оламгири ту.* *Абдусалом Деҳотӣ*



# МУҲОКИМАИ РИСОЛАИ НОМЗАДИИ УНВОНҶӮ



Санаи 25-уми апрел дар факултети физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ даври кафедравии муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯйи кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ Аламова Хатичамо дар мавзуи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ" (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мирзоев Абдулазиз Раҷабович) баргузор гардид.

Дар муҳокима мудири кафедра, номзади илмҳои физика-математика Акбарова Рухшона, номзади илмҳои физика ва математика, дотсент Ғаффоров Саттор, мудири кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи маводҳо Парвинаи Усмон, мудири кафедраи илмҳои компютерӣ, номзади илмҳои техникӣ Шарипов Аламшо ва аъзоёни кафедраҳои мазкур иштирок намуданд.

Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯй Аламова Хатичамо бо дарназардошти тавсияҳо анҷомёфта ҳисоб шуда, барои муҳокимаи даври навбатӣ тавсия карда шуд.

# КОНФРОНС: ТАЙЁРИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОН ТИБҚИ ТАЛАБОТИ ЗАМОНИ МУОСИР



Санаи 19-уми апрел дар бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ҷониби кафедраи умумидонишгоҳии педагогика конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Тайёрии касбии омӯзгорон тибқи талаботи замони муосир" гузаронида шуд.

Дар конфронс муовини ректор оид ба илм ва инноватсия номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Рафиев Сафархон, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогика номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Назаров Ҳотам, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Иброҳимов Гурез, дотсенти кафедра Бобоева Маҳбуба ва дигар омӯзгорону донишҷӯён иштирок доштанд.

Нахуст мудири кафедра Назаров Ҳотам суханронӣ намуда, дар бораи мавзуъҳои баррасишавандаи конфронс ба ҳозирин маълумот дода, қайд намуданд: "Касби пуршарафи муаллимӣ муҳаббат аст, муҳаббат ба касби худ, муҳаббат ба диёру меҳани худ ва муҳаббат ба шогирди худ, ки ӯро чун фарзанд тарбия бояд кард. Муаллим то даме ки зинда аст, мехонад: ҳамин ки аз хондан бозмонд, симои муаллимиаш низ барҳам меҳӯрад. Чунон ки Пешвои муаззами миллат мефармоянд: "Муаллим ақл, шарафу виҷдони ҷомеа ва симои асосии он мебошад. Вай донишу заковат, гармии худро бедареғ ба фарзандон - шогирдон медиҳад ва хешро хушбахт меҳисобад" ва моро мебояд ба ин касб содиқ буда, шогирдонро дар рӯҳияи дӯстдорию садоқат ба ин касби пуршараф тарбия намоем."

Сипас дотсенти кафедра Иброҳимов Гурез дар мавзуҳои "Меъёрҳо, принсипҳо ва кодексҳои ахлоқи касбии омӯзгорони замони муосир" ва "Худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ - бедории комили фардияти инсон", дотсенти кафедраи психология Шарипов Анвар дар мавзуи "Сифати таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилот дар ин самт", дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика Бобоева Маҳбуба дар мавзуи "Масъалаи баланд бардоштани сифати дониш ва касбияти омӯзгорон дар муассисаҳои олии касбӣ", дотсенти кафедраи математика ва методикаи таълими он Сироҷиддини Давлаталӣ дар мавзуи "Проблемаҳои тайёрии касбӣ ва малакаҳои методии омӯзгорони фанни геометрия дар замони муосир" маърӯзаҳои худро ироа намуданд.

Дар охир конфронс бо саволу ҷавоб ва музокираҳои омӯзгорону донишҷӯён ба анҷом расид, ки қисме аз донишҷӯёни фаъол ва аъзоёни маҳфили "Педагогони ҷавон" ба маърӯзачиён суол пешниҳод намуда, ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

# ҲАМОИШ: АМНИЯТИ МИЛЛӢ ВА ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР



Санаи 24-уми апрел дар факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамоиши илмӣ таҳти унвони "Амнияти миллӣ ва хатарҳои ҷаҳони муосир" баргузор гардид.

Дар ҳамоиш декани факултет, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Ҳусайнзода Аминҷон, муовини ректор оид ба тарбия, дотсент Сафарзода Мунир, сардори раёсати тарбия Холматов Баҳром, мудирони кафедраҳои тахассусии факултет ва дигар омӯзгорону донишҷӯёни факултет иштирок доштанд.

Нахуст декани факултет суханронӣ намуда, дар бораи мавзуъҳои баррасишавандаи ҳамоиш ба ҳозирин маълумот дода, қайд карданд: "Равшан аст, ки пайдоиши ҳамоиш ба ҳозирин ..." 

Нахуст декани факултет суханронӣ намуда, дар бораи мавзуъҳои баррасишавандаи ҳамоиш ба ҳозирин маълумот дода, қайд карданд: "Равшан аст, ки падидаҳои номбурда ҳамчун ҷиноятҳои сангин алайҳи оромию суботи инсоният аст. Ҳадафи ягонаи ҳар яки он гурӯҳҳо дар амал як буда, иҷрои фазои ноамнию бесуботиро барои шаҳрвандони ин ё он давлат эҷод кардан, дороии ин ё он давлатро бо роҳи тасарруф аз худ кардан ва сиёсатдории ин ё он давлатро заиф кардан аст. Бо ин роҳ онҳо имконият пайдо карда, боварии мардумро нисбат ба давлат коҳиш дода, миёни давлат ва мардум фосила эҷод карда истодаанд".

Сипас Назарзода Пиралӣ, доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент дар мавзуи "Ҷараёнҳои динии экстремистӣ-террористӣ дар Осиёи Марказӣ: заминаҳои пайдоиш ва роҳҳои пешгирӣ аз ин зуҳурот", Некрӯзи Маҳмадхоҷа, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносӣ дар мавзуи "Манфиатҳои миллӣ, ҳадафҳои геополитикӣ ва роҳу воситаҳои таъмини амнияти миллӣ дар замони ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ва Шерзод Муҳаммадҷон, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ дар мавзуи "Мафҳум, моҳият ва шаклҳои зоҳиршавии коррупсия" маърӯзаҳои худро ироа намуданд.

Дар охири ҳамоиш ба як қатор омӯзгорону донишҷӯён барои иштироки фаъолона ва маърӯзаи беҳтарин дар конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2022 ва вазифаҳо барои соли 2023 бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо бо сипосномаи таъсиснамудаи факултет қадрдонӣ карда шуданд.

# БАРГУЗОРИИ КОНФРОНСИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ



Санаи 18-уми апрел дар факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ҷониби кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими он конфронси илмӣ - назариявӣ дар мавзуи "Муносибати босалоҳият ба таълим: дастовард ва норасогиҳо" баргузор гардид.

Дар конфронс мудири кафедра, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шералиева Садбарг, дотсенти кафедра Бозоров Хушвахт, номзади илмҳои педагогӣ Фархуддинов Исуф, муаллими калон Бегиев Шариф ва дигар омӯзгорону донишҷӯёни факултет иштирок доштанд.

Конфронсро мудири кафедра дотсент Шералиева Садбарг ифтитоҳ намуда, иштирокчиёнро бо рӯзномаи конфронс шинос намуд.

Сипас дотсент Бозоров Хушвахт дар мавзуи "Муносибати босалоҳият ба таълим", муаллим Оқилова Қурбонбӣ дар мавзуи "Технология ва усулҳои умумии таълими салоҳиятнокӣ", донишҷӯи курси дуюми факултет Мадҷонова Суман дар мавзуи "Чаро низоми таълими кунунӣ (анъанавӣ) бояд тағйир дода шавад?", донишҷӯи курси дуюми факултет Сафарова Дилсадо дар мавзуи "Бартарии муносибати босалоҳият ба таълим нисбат ба низоми синфӣ (таълими анъанавӣ)", донишҷӯи курси дуюми ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ Назокати Мазорӣ дар мавзуи "Ташаккули салоҳиятҳои навиштан" ва донишҷӯи курси дуюми ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ Зокирова Дилноза дар мавзуи "Чархи ташаккули салоҳиятҳои забон" маърӯзаҳои худро баромад намуданд.

Дар охир ба маърӯзакунандагон саволҳои хаттӣ ва шифоҳӣ пешниҳод гардид, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои пурра гардонида шуд.

# БАРГУЗОРИИ МАҲФИЛИ НАВБАТИИ ҶАМЪИЯТИ ИЛМИИ ДОНИШҶӮЁН



Санаи 19-уми апрел дар Маркази рушди касбият ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маҳфили навбатии ҷамъияти илмии донишҷӯёни факултети химия ва биология дар мавзуи "Биотерроризм" баргузор гардид.

Дар маҳфил сардори Маркази рушди касбият ва инноватсия номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарипов Анвар, муовини декан оид ба тарбия Бозоров Ҳасан, мутахассиси Маркази рушди касбият ва инноватсия Сироҷиддин Сафарзода, раиси Ҷамъияти илмии донишҷӯёни донишгоҳ Ғаффори Мурод ва дигар омӯзгорону донишҷӯён ширкат доштанд.

Нахуст сардори МРКИ Шарипов Анвар суханронӣ намуда, аз рафти масъалаҳои баррасишаванда дар маҳфил ба ҳозирин маълумот доданд.

Баъдан Насимова Таманно, донишҷӯи курси 4-уми факултет дар мавзуи "Проблемаҳои экологӣ", Мадализода Умедҷон, донишҷӯи курси 4-ум дар мавзуи "Аҳамияти илми химия дар замони муосир", Асроров Давлатёр, донишҷӯи курси 4-ум дар мавзуи "Биотерроризм" маърӯзаҳои худро баромад намуданд.

Дар охир маҳфил бо саволу ҷавоб миёни иштирокдорону маърӯзачиён ба анҷом расид.

# БАРГУЗОРИИ СЕМИНАРИ ИЛМИИ КАФЕДРАИ ИЛМҲОИ КОМПЮТЕРӢ

Санаи 18-уми апрел дар факултети физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ семинари илмии назди кафедраи илмҳои компютерӣ бо иштироки аъзоёни кафедра баргузор гардид.

Нахуст мудири кафедра, номзади илмҳои техникӣ, дотсент Шарипов Аламшо оид ба мавзуи баррасишаванда суханронӣ намуда, ба кори семинар барор хостанд.

Сипас Сулаймонов Убайдулло, муаллими калони кафедра дар мавзуи "Технологияи ворид кардани маводҳои дарсӣ, саволномаҳои тестӣ, баҳогузорӣ ба супоришҳо дар системаи Moodle мисоли сомонаи Fosilavi. kgu.tj" маърӯзаи худро ироа намуданд.

Дар охир миёни иштирокчиён мубодилаи афкор сурат гирифт.

*Маҳӯр соҳиб фиреби фазли амомаи зоҳид,*
*Ки дар гумбаз зи бе мағзӣ садо бисёр мепечад.* Муҳаммад Иқбол



# ҶАМЪБАСТИ КОНФРОНСИ АПРЕЛӢ



Бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 11. 04.2022 то 14.04.2022 конфронси илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022 баргузор гардида буд. Сани 14-уми апрели соли равон дар бинои маъмурии донишгоҳ ҷаласаи ҷамъбастии конфронс гузаронида шуд.

Дар ҷаласаи ҷамъбастӣ муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, дотсент Рафиев Сафархон, муовини ректор оид ба муносибатҳои байнамилалӣ, дотсент Шарофат Худойдодова, муовини ректор оид ба тарбия, дотсент Сафарзода Мунир, ҳайати профессорон, омӯзгорон ва донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ ширкат варзиданд.

Ҷаласаро дотсент Рафиев Сафархон оғоз намуда, зимни баромадашон қайд намуданд: "Конференсияи илмӣ-назариявӣ самти муайяни фаъолияти кори таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ буда, дар баланд бардоштани малакаи илмӣ-назариявии омӯзгорон, магистрантон ва донишҷӯён нақши муҳим мебозанд.

Бо назардошти ин, дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15-уми апрел ба ҳайси "Рӯзи илми тоҷик" қабул гардидааст. Ба ин хотир, нимаи аввали моҳ дар баробари баргузор намудани конференсияҳои илмӣ-амалӣ ё амалӣ-назариявӣ, ҳамзамон аз корҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорону донишҷӯён низ натиҷагирӣ карда мешавад. Раёсати донишгоҳ, коллективи омӯзгорону кормандон фаъолияти хешро маҳз дар партави дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастуру супоришҳои Вазорати маориф ва илм ба роҳ монда, дар соли сипаригашта ба як қатор дастовардҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ ноил гардиданд. Дар 36 кафедраи амалкунандаи донишгоҳ аз рӯи 18 равия, 25 проблема ва 28 мавзуъ омӯзгорон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул буда, ҳамасола ба табъу нашр ва таҳияи рисолаву монография ва китобҳои илмию таълимӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Дар конфронси мазкур зиёда аз 900 номгӯи мақолаҳои омӯзгорон, докторантони PhD, магистрантон ва донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор гирифт."

Дар охир ба чанде аз омӯзгорону донишҷӯён барои иштироки фаъолона ва маърӯзаи беҳтарин дар конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2022 ва вазифаҳо барои соли 2023 бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо, саҳми муносиб гузоштан дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму маориф ҳамзамон, тарғибу ташвиқи арзишҳои милливу фарҳангӣ бахшида ба "Рӯзи илми тоҷик" аз ҷониби садорати донишгоҳ бо ифтихорнома қадрдонӣ гардиданд.

# БА КИТОБХОНАИ ДОНИШГОҲ КИТОБҲОИ НАВ ВОРИД ГАРДИД



Бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯён ва ҳамзамон барои омода намудани омӯзгорону донишҷӯён ба озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ва "Илм-фурӯғи маърифат" санаи 14-уми апрели соли равон аз ҷониби Раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба китобхонаи донишгоҳ 78 номгӯи китобҳои илмӣ ва бадеӣ аз адибони классик, муосир ва хориҷӣ ворид гардид.

Қайд бояд кард, ки давоми соли ҷорӣ аз ҷониби Раёсати донишгоҳ ва ҳамзамон дар доираи Фонди Аврупо Эрасмус+ ТРИГГЕР ба Китобхона зиёда аз 580 номгӯи китоб ворид гардидааст, ки ин барои беҳтар намудани савияи дониши донишҷӯён заминаи хуберо фароҳам меоварад.

# БАРГУЗОРИИ КОНФРОНСИ ИЛМӢ-АМАЛИИ КАФЕДРАИ ЗАБОНИ РУСИИ УМУМИДОНИШГОҲӢ



Санаи 18-уми апрел дар факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ташаббуси кафедраи забони русии умумидонишгоҳӣ конфронси илмӣ - амалӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами таълим ва омӯзиши забони русӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида ба татбиқи "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030" ва Рӯзи илми тоҷик баргузор гардид.

Дар конфронс мудири кафедра, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Файзуллоева Фирӯза, муаллими калони кафедра, номзади илмҳои педагогӣ Назарова Рухшона, номзади илмҳои педагогӣ Ҷумаева Дилором, мутахассиси раёсати илм ва инноватсия Саидов Муҳаммад ва дигар омӯзгорону донишҷӯёни кафедра иштирок доштанд.

Конфронсро мудири кафедра дотсент Файзуллоева Фирӯза ифтитоҳ бахшида, иштирокчиёнро бо рӯзномаи конфронс шинос намуд.

Сипас муаллим Назарова Рухшона дар мавзуи "Русский язык - язык международной науки и культуры" ва муаллим Ҷумаева Дилором дар мавзуи "Лингвоаудиовизуальные материалы и их место среди средств обучения" маърӯзаҳои худро ироа карданд.

Дар маҷмуъ ба конфронс 30 маърӯзаи омӯзгорон пешниҳод гардида, кор дар бахшҳо идома ёфт.

# БАРГУЗОРИИ МИЗИ МУДАВВАР



Санаи 17-уми апрел дар бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ҷониби факултети филологияи хориҷии донишгоҳ мизи мудаввар дар мавзуи "Нақши технологияи иттилоотӣ барои омӯзиши забони англисӣ ва хусусиятҳои истифодабарии онҳо" баргузор гардид.

Дар мизи мудаввар мудири кафедраи забоншиносӣ ва технологияи муқоисавӣ Муродов Баҳриддин, сармутахасиси Раёсати илм ва инноватсия Қурбонов Кароматулло, мутахассиси Маркази рушди касбият ва инноватсия Сафарзода Сироҷиддин ва дигар омӯзгорону донишҷӯён иштирок доштанд.

Нахуст мудири кафедра Муродов Баҳриддин суханронӣ намуда, қайд намуданд: "Нақши илми компютерӣ дар рушди ҷомеа ниҳоят бузург аст. Имрӯз дар ҷаҳон ягон шохаи илму технология вуҷуд надорад, ки мисли илми компютерӣ зудтар рушд кунад. Воқеан, дар солҳои охир дар соҳаи интиқол, нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоот инқилоб ба амал омад. Инқилоб тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонро ба куллӣ тағйир медиҳад. Болоравии назарраси имкониятҳои технологияҳои компютерӣ, рушди шабакаҳои иттилоотӣ, эҷоди технологияҳои нави иттилоотӣ ба дигаргуниҳои куллӣ дар тамоми соҳаҳои ҷомеа оварда мерасонад: истеҳсолот, илм, маориф, тиб ва ғайра. Халқҳои кишварҳои тараққикарда медонанд, ки такмил додани технологияҳои иттилоотӣ вазифаи муҳим ва гарон аст."

Сипас донишҷӯи соли 4-уми факултет Мавзуна Одинаева дар мавзуи "Integrutiny teachiny with technology", донишҷӯи соли 4-ум факултет Ҳабибулозода Малоҳат дар мавзуи "Истифода ва нақши технологияҳои иттилоотӣ дар ҷаҳони муосир", донишҷӯи соли 3-юми факултет Латифов Инъом дар мавзуи "How to improv English" ва магистранти соли 1-ми факултет Бобоева Саида дар мавзуи "Применение информационных технологии в изучение английского языка" маърӯзаҳои худро ироа намуданд.

Дар охир миёни донишҷӯён ва маърӯзачиён мубодилаи афкор сурат гирифт.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-юми факултети филологияи хориҷӣ Ҳакимзода Сабзинаи Лоиқ (таҳсилоти рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

ХХХХ

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-ум факултет Гулбаҳори Мирзовалӣ додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

# ЭЪЛОН!

Маркази таълимии ибтидоии касбии назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ноҳияи Мӯъминобод аз 01.07.2023 қабули довталабонро барои соли таҳсили 2023-2024 аз рӯи ихтисосҳои зерин ба таври шартномавӣ ҷавонписарону духтарони аз синни 16 то 30-соларо қабул менамояд.

Барои маълумотҳои иловагӣ ба суроғаи зерин муроҷиат намоед:

Вилояти Хатлон, ноҳияи Муъминобод, ҷ/д Деҳи баланд, деҳаи Файзобод. Телефонҳо : 985-30-62-52, 985 78 75 99,

Эзоҳ: Довталабоне, ки баъди хатми синфи 9-ум дохил шуда, муассисаи номбурдаро хатм мекунанд, ба онҳо дипломи тахасусӣ ва шаҳодатномаи хатми синфи 11 дода мешавад; Ҳамзамон бе гузаштан аз қайди Маркази миллии тестӣ тариқи суҳбат имконияти дохил шудан дар ҷои дилхоҳро доранд.

Довталабоне, ки баъди хатми синфи 11 дохил шуда, муассисаи номбурдаро хатм мекунанд, ба онҳо дипломи тахассусӣ дода мешавад.

| № т/т | Рамзи касб | Номгуи касб | Мухлати таҳсил | Шакли таҳсил | Маблағи шартнома барои 1 сол |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 3-40025201 | Системаи компютерӣ ва интернет - технология | 2 сол | Рӯзона | 1600 с. |
| 2 | 3-015101 | Монтёри баркӣ | 2 сол | Рӯзона | 1600 с. |
| 3 | 3-36015103 | Кафшергари барқию газӣ | 2 сол | Рӯзона | 1600 с. |
| 4 | 3-5015504 | Либосдӯз (либоси миллӣ) | 2 сол | Рӯзона | 1600 с. |
| 5 | 3-74013102 | Фелдшер - бойтор | 2 сол | Рӯзона | 1600 с. |
| 6 | 3-25015201 | Ҳисобдор (бо донистани компютер) | 1 сол | Рӯзона | 1600 с. |
| 7 | 3-500155 | Дӯзанда | 1 сол | Рӯзона | 1600 с. |
| 8 | 3-740331 | Занбӯриасалпарвар | 1 сол | Рӯзона | 1600 с. |

# THE ROLE OF ENGLISH IN A MODERN WORLD

The history of English language starts from three German tribes that invaded Britain in V century. These tribes were angles, sacs, and jutes that came from the territory of modern Denmark and northern part of Germany, crossing the Northern Sea.

Modern English is a very rich language spoken all over the world. There are many countries where people use English as either their first language or as a second official language. Historically the language has spread in many different parts of the world while the British empire was in power and later when United States also became a very powerful country. It is spoken as a native language in many countries including United Kingdom, USA, Canada, Australia, New Zeeland, and others. English is among 6 official languages of United Nations. It is a language of science, literature, business, politics, and art. There are millions of students all over the world that strive to learn English to have better perspectives for their education, career, and lifestyle.

It is widely used as a language of negotiations and business in many international organizations such as General Assembly of the United Nations, OSCE, UNESCO, NATO, EC, and EU.




The role of English is very important in a modern world. It is taught in schools and universities all over the globe. Thanks to advances in digital technology, everyone can learn an international language from the comfort of their own home. And this approach in modern society is considered not just the norm, but a necessity, even despite of sufficient grammatical, morphological and lexical complexity of English for us. After all, compared to Russian, English assumes a strict observance of the order of words in composing sentences, and the structure of the language itself, although similar (unlike Chinese), but still has a lot of differences.

English belongs to the Germanic group of the Indo-European family of languages. The number of people (native speakers) for whom English is native more than 400 million people while the total number of English speaking people in the world is over 1.5 billion.

English is a common language for communication in the following spheres:

- The world of science - scientific conferences and discussion of global world problems, exchange of experience and important scientific information, writing scientific papers and works;
- Sports - all international sports competitions (Olympic Games, international tournaments, regional and world championships);
- Travel and Tourism - Travelling around the world and communicating with representatives of various cultures and nations;
- Career progression - the knowledge of English helps people to find their desired position in large foreign companies abroad;
- Education - studying in prestigious educational institutions of Europe, UK and the United States.

Since the twentieth century, English has become a language of international communication. It is in English that business negotiations are conducted, high-level meetings are held and important documents are signed at global level. Therefore, knowledge of the international language today is not a wish but a necessity for every specialist and educated person.

It is especially important to know English for those who work in a business sector. After all, many companies actively cooperate with foreign partners and people strive to learning English for their dialogues with colleagues and business partners in order to become more efficient and productive in their business. A good command of English allows you to find foreign partners and showing them your seriousness in doing business.

Considering that the world is constantly growing and improving in technology, business, IT industry and other directions, English has become an obligatory "attribute" for almost every profession in today's world.

In conclusion, it is worth to mention that in today's world, not knowing English literally cuts you off from many opportunities and perspectives. It is therefore a great privilege and advantage for millions of young people all around the world to learn English and succeed in their life plans and business aspirations.

***Author: Yasmina Begmatova,***
***second-year student of Kulob State University Faculty of foreign philology English department***

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ШУКУФОИИ ПЕШРАФТИ ВАТАН АСТ!



Эҳёи Ваҳдати миллӣ ва созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоиятии ҷомеа иборат аз он буда, ки он пеш аз ҳама миллати тоҷикро аз пароканда гӣ ва Тоҷикистони азиз ва муқаддасро аз пора-пора гардидан ва ба нестӣ расидан раҳоӣ бахшад. Моро ҳушёрӣ мебояд, ки ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам амалӣ ин санади тақдирсозро ҳифз намуда, ба қадри он расем. Қаҳрамонии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саҳифаҳои таърих бо ҳарфҳои заррин сабт гардида, наслҳои ҳозира ва ояндаи тамаддунофари мо ин дастовардҳоро донанд ва аз он сабақ гиранд. Халқи тоҷик ҳамеша бо қалби пок, ҳисси миллӣ, ифтихори ватандорӣ, меҳрубонию самимият умр ба сар бурда, минбаъд баҳри шукуфо гардонидани мулки аҷдодӣ сидқан ҷаҳду талош варзанд. Имрӯз таҳким бахшидан ба Ваҳдати миллӣ рисолати шаҳрвандӣ ва қарзи фарзандии ҳар тоҷик ва тоҷикистонӣ бояд бошад.

Вожаи ваҳдат мазмуни васеъ дошта, бо истиқлол ва озодӣ ҳамбастагӣ дорад. Вақте ки ваҳдат мегӯем, пеши назарамон якдилӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ягонагӣ ва иттиҳод падид меоянд. Вале ин иттиҳоду ҳамбастагӣ ба осонӣ насиби халқи тамаддунофару сулҳпарвари тоҷик нагаштааст.

Саҳми Созмони Миллали Муттаҳид ва давлатҳои бо мо ҳамсоя барои ба даст овардани ваҳдати мо тоҷикон назаррас аст. Дар Тоҷикистони ҷоноҷони мо рӯзи 27-уми июн ҳамасола ҳамчун Рӯзи Ваҳдати миллӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва якдилии мардуми тоҷик ҷашн гирифта мешавад. Мо, тоҷикон бояд ба қадри Ваҳдати миллӣ бирасем, онро эҳтиром кунем, аз ҳама гуна таҳдиду хатарҳо муҳофизат намоем.

Давлати соҳибистиқлоли мо бо шарофати Ваҳдати миллӣ ҳамасола барои расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат, истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини истиқлоли озуқаворӣ зина ба зина амалӣ намуда истодааст. Мо бо боварӣ гуфта метавонем, ки бо кӯшишҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ва дастгирии мардуми меҳнатдӯсти кишварамон тамоми мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ бартараф шуда, зиндагии босаодати халқи азизамон таъмин хоҳад гардид.

***Сулҳу ваҳдат ифтихори миллати соҳибдилам,***
***Васфи онҳоро намояд решаи ҷону дилам.***
***Дар миёни қавмҳо пайвастагӣ моро аз он,***
***Даҳр бинмояд ситоиш мардуми барнодилам.***

Хулоса, чун як фарзанди бонангу бономус ва баори миллат бо сулҳу ваҳдати кишвари азизам имрӯз меболам ва бо ифтихор метавонам гӯям: "Пояи сулҳу осоиштагӣ дар ин сарзамини ҳамешабаҳор ба ҳадди бузург мустаҳкам гаштааст, зеро онро фарзанди бузурги ин сарзамин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон устуворӣ бахшида, такягоҳ аст."

***Худобахш БОБОЕВ, донишҷӯи курси 4-юми факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ***

# ИНТИХОБИ КАСБИ ОЯНДА

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як Паёму суханрониҳояш мегӯянд, ки насли наврасу ҷавонони мамлакат хонаду интихоби касбиояндаашро донад.

Оре, Пешвои муаззами ҷавонпарвар ғами мо насли наврасу ҷавонро мехурад, ки мо насли соҳибистиқлол хонему касб омӯзем ва касби омӯхтаамонро дар зиндагӣ истифода барем, аммо баръакс насли ҷавону наврас аз хондану касб омӯхтар даст мекашанду ба худашон шиори махсус қарор доданд: "Хондан чӣ лозим? Ба Русия рафта, пул кор мекунам!" Зери ин гуфта саволе ба миён меояд, ки мо забон ва касбе агар надошта бошем, қадру манзалати хешро дар ҳамон давлат меёфта бошад ё не?

***Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,***
***Бар дидаи мардумон азиз аст.***

Бале, устод хуб қайд кардааст, ки насли соҳибистиқлол агар касбу ҳунар дошта бошанд, қадру манзалати хешро дар байни мардум меёбад.

***Додихудо ХОЛМАДЗОДА, донишҷӯи соли 2-юми факултети табиатшиносии Колеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ***

# МОДАР - САРЧАШМАИ ҲАЁТ

Модар қиматтарин неъмати рӯйи дунё, муқаддастарин мӯъҷиза ва бузургтарин ҳастӣ мебошад. Модар сароғози ҳастии башар, офаранда ва идомабахши ҳаёти инсоният аст. Зиндагӣ аз модар сарчашма мегирад. Ба ин маънӣ шоир гуфтааст:

***Файзи ҳастӣ аз вуҷуди меҳрубони модар аст,***
***Асли мо ному нишони мозабони модар аст.***

Беҳтарин сарвату ганҷи инсон дидори рӯйи модар аст. Модар худ офарандаи ҳаёт аст. Модар чароғест дар шаби торик. Модар ягона шахсест, ки моро бе сухан гуфтан мефаҳмад. Ҳаёт ба мисли боди баҳор аст, гоҳе гармӣ дорад, гоҳе сардӣ. Баъзе шахсоне ҳастанд, ки дар рӯзҳои гарми ҳаёти худ модари хешро фаромӯш месозанд ва дар рӯзҳои сардӣ аввалин шахсе, ки ба хотирашон меояд, ин модар аст. Дар хонадоне, ки аз меҳру навозиш ва файзу нусрати зан баҳравар нестанд, он ҷо баракат нест. Саодати зиндагӣ дар калимаи модар нуҳуфтааст. Маҳз меҳри бепоён ва навозиши гарми модар моро ба оламу одам ошно сохтааст. Заҳмати шабонарӯзӣ, бедорхобии ӯ танҳо ба худаш хос буда, касро ба ҳайрат меорад. Мо дар канори модар бо олами рангини кӯдакӣ ба воя мерасему аз ӯ дарси одамгарию ватандӯстиро меомӯзем. Канори модар худ мактаби аввалини ҳаёти мост.



Модар мисли замин танҳо ва яктост. Модар ба мисли дарёи равоне аст, ки меҳраш ҳеҷ тамомӣ надорад. Модар охирин офаранда аст. Модар ҳамеша ғамхори фарзанд аст.

***Аз сарвату зи шуҳрат гар бар фалак занам сар,***
***Таъзим мекунам боз дар пеши пои модар.***

***Муслимаи АМРОХОН, донишҷӯи соли 2-юми факултети филологияи тоҷик ва журналистика***

# РАНҶИ ДУНЁ БАРКАШИДАМ, АРЗИШИ МОДАР НАШУД!

Чун мехоҳам ҳоло дар бораи бузургии модар ҳарфе нависам ё сухане гӯям, қаламам дар назди бузургияш оҷиз аст. Намедонам аз бузургияш ҳарф занам ё аз қаҳрамонияш, аз фидокориҳояш ҳарф занам аз ҷоннисориҳояш.

Модар беҳтарин армон, азизтарин ҳастӣ, муқаддастарин сарватест, ки ҳамагонро ҳаёт бахшидааст. Аз ҳастии пайкари бузургаш ба дили кас қуввату мадор ва меҳру муҳаббати беканор пайдо мешавад. Тавоноии Модар касро зиннату самар, симу зар, болу пар ва шаҳду армон мебахшад. Зиндагӣ маҳз аз ту сарчашма мегирад. Эй олиҳаи ҳастӣ, ки баҳри мо ҳаёт бахшидӣ.

Беҳтарин сарвату ганҷи инсон дидори рӯйи модар аст. Он ҷойе, ки Модар қадам мегузорад, меҳру муҳаббат, самимияту садоқат низ хона мегузорад. Равшаниаш дар хона ба мисли шӯълаҳои офтоб аст, ки пайваста ба оила гармӣ мебахшад. Шоири бузургвор канори Модар ва дуриашро чунин баён кардааст:

***Он ҷо ки тӯйӣ модар, он ҷо гулистон аст,***
***Он ҷо ки набошӣ ту, як манзили вайрон аст.***

***Аз меҳри шарарборат равшан шавад ин олам,***
***Дурию фироқи ту, сӯзест, ки дар ҷон аст.***

Модар ба мисли шамъ аст, ки пайваста барои фарзанд месӯзад, вале касе огоҳ намегардад ва боз аз хокистари худ эҳё мешавад, то боз бисӯзад барои фарзанд.

Ҳаёт ба мисли боди баҳор аст, гоҳе гармӣ дорад, гоҳе сардӣ. Боди гармӣ канори модар ва сардиаш бошад дурӣ аз модар аст. Меҳри модар ба мисли шири пок аст, дасташ пур аз ганҷинаҳои меҳру муҳаббат, лабхандаш бошад ба мисли гулҳои наврустаи баҳорист, ки ба кас рӯҳу илҳоми тоза мебахшад.

Атр аз гул, нӯш аз шаҳд, шодобӣ аз баҳор, борон аз абр, ҳарорат аз офтоб ва зиндагӣ аз модар сарчашма мегирад. Зан барои башарият аз олитарин неъматҳои Худост. Ӯ шабу рӯз нигаҳбони ҳаёту созандаи шахсият аст. Худованд ба зан-модар қудрате ато намудааст, ки офарандаи зиндагӣ ва чароғи ҳар хонадон бошад.

***Нигораи ҶУРАХОН, донишҷӯи курси 2-юми факултети филологияи тоҷик ва журналистика***

# МУҚОВИМАТ БА ТЕРРОРИЗМ ВАЗИФАИ ҲАМАГОН АСТ

Дар радифи таҳаввулоти ҷиддие, ки тай даҳ соли охир мушоҳида шуд, мутассифона силсилаи амалҳои террористӣ, ки дар кишварҳои аврупоии амн ва дур аз даргириҳои мамолики араб рух додаанд, то дер дар хотир хоҳад монд. Белгия, Фаронса ва Олмон, ки пешқадамтарин аз ҷиҳати рушди иқтисодӣ махсуб ёфта, аз ҷиҳати таъминӣ бо техника ва дастгоҳҳои махсус муосиртарин сохторҳои амниятӣ доранд, бо ҳама кӯшишҳо худро аз даҳшатафканон эмин нигоҳ дошта натавониста истодаанд. Интизор аст, ки ҳамроҳ бо якчанд миллион нафар паноҳандагон ба кишварҳои Аврупоӣ садҳо, шояд ҳазорон ифротгаро ворид шудаанд, ва сокинони мамолики аврупоӣ аллакай ба амнияти худ шубҳа доранд.

Албатта ҳукуматҳои ин давлатҳо ҳама чораҳоро мебинанд, то террористон имкони амалӣ кардани нақшаҳои худро наёбанд, вале кафолати он, ки шаҳрвандон пурра зери ҳимояи сохторҳои муҳофизӣ қарор доранд, ба сифр баробар шуда истодааст. Чунки амали террористӣ метавонад, дар ҷое сар занад, ки ҳеҷ кас интизор нест. Куштори сафири Русия дар Туркия, ки аз ҷониби корманди, бигузор




собиқи пулис соли 2016, содир гашт, метавонад мисоли аёне ва огоҳикунандае шавад, барои дигар кишварҳо.

Моҳи ноябри соли 2016 ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон қароре баровард, ки тибқи он барои маълумоте, ки барои ошкор ва пешгирӣ кардани амали террористӣ кӯмак мекунад, маблағи пулӣ пешбинӣ шудааст. Маблағ, ки ҳаҷмаш аз 1 январи соли 2017 аз 5000 то наздики 8000 доллари амрикоиро ташкил медиҳад, агар барои шаҳрвандони Қазоқистон пули калон ҳам набошад,  лекин яке аз роҳҳои хуби ҷалби шаҳрвандон ба мубориза алайҳи терроризм аст. Дар дигар кишварҳо низ дар сатҳи давлатӣ қарору қоидаҳои мутобиқ ба ҳолат тарҳрезӣ шуда истодаанд, то амалҳои террористӣ, агар пешгирӣ ҳам нашаванд, аққалан хавфи афзоиши хисороти ҷонӣ коҳиш дода шавад.

Дар мо вазъ чӣ гуна аст? Ҷои шубҳа нест, ки сохторҳои қудратӣ ва амниятӣ корҳои зиёдеро ба сомон расонида истодаанд, ва дуруст аст, ки маълумот оид ба чораҳои амниятӣ на ҳама вақт дастраси мардум аст. Вале оё мешавад, ки тавассути маҷлису воҳӯриҳои дилбазан, ки мардумро барои ширкат дар онҳо иҷборан ба толорҳо мебаранд, бо терроризм мубориза бурд. Симои манфури террористон ба ҳама маълум шуд, ҳамагон фаҳмидем ва дигаронро мутмаин кардем, ки куштору қатли одамони бегуноҳ на танҳо ҷиноят, балки алайҳи Худо амал кардан аст. Аллакай зарурати аз шиорҳои "Нест бод терроризм!", "Ҷавонон терроризмро маҳкум мекунанд!" ва "Мо тарафдори оромии кишварем" ба амалҳои мушаххас гузаштан пеш омадааст.

Дар Стратегияи муқовимат ба экстремимз ба терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 самтҳои асосии мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб, сар карда аз гузаронидани пажӯҳишҳо то таъсиси сохторҳои нави махсус гардонидашуда пурра ва хеле равшан инъикос ёфтаанд. Ошкор кардани сабабҳои асосӣ ва омилҳои ҳаракатдиҳандаи экстремизм ва терроризм, ҷалби фаъоли ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, тайёр кардани кадрҳои миллии динӣ, тақвияти мубориза бо коррупсия ва бюрократизм, фароҳам овардани шароити мусоид барои тиҷорат-ин аст номгуи нопурраи он вазифаҳое, ки дар Стратегияи мазкур ҷой дода шудаанд ва иҷроиши онҳо на танҳо аз сохторҳои ба ин соҳаҳо рабт доштa, балки аз кулли шаҳрвандонӣ ҷумҳурӣ вобастагии калон дорад.

Барои дар сатҳи зарурӣ амалӣ намудани Стратегияи мазкур, аҳ назари мо пеш аз ҳама оҷилан қоидаҳои амниятии гузаронидани ҳама намуд чорабиниҳо, чӣ давлатӣ ва чӣ ҷамъиятӣ кор карда дар шакли дастур ба мардум пешниҳод карда шаванд. Аллакай дар Аврупо баъзе маҳдудиятҳо ва дастурҳо ба сокинони шаҳрҳои калон оид ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ ироа гашта истодаанд. Албатта дар баъзе мавориди озодии шаҳрвандон маҳдуд мешавад, вале аксарияти мардум тарафдори оромии кишваранд, ва умед аст, ки ин маҳдудкуниҳоро бо таҳаммул қабул мекунанд.

Дар хадамоти амниятӣ ва ҳифзи ҳуқуқ теъдоди кормандони ғайриштатӣ ва агар имконияти молиявӣ даст диҳад, маошгирони пинҳонӣ амалкунанда зиёд карда шавад. Албатта хуб мешуд, агар бе ягон ӯҳдадорӣ ва дарёфти суди молиявӣ сокинон бо хоҳиши худ ҳамкориро бо сохторҳои амниятӣ ва политсия ба роҳ мемонданд, вале таҷрибаи талхи солҳои қаблӣ нишон дод, ки маҳз бетарафии мардум асоси авҷ гирифтани ҷиноякорӣ ва ифротгароии ҷавонон шудааст. Ҳавасманд кардани мардум тавассути туҳфаҳои молиявӣ таҷрибаи хубест, ки дар кишварҳои пешрафта истифода мешавад.

Дар даврони Шӯравӣ саҳми Дружиначиёни ихтиёрии халқӣ, ки аз ҳисоби кормандони муассисаҳои давлатӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи махсус ташкил шуда буданд, дар таъмини амният ва тартибот хеле назаррас буд. Мутассифона, солҳои охир дар бораи ин сохтори ҷамъиятӣ маълумоте нест, гуё барҳам хӯрда бошад. Хуб мешуд, агар дар муддати кутоҳтарин фаъолияти ин созмони ҷамъиятӣ фаъол гардад.

Дар минтақаҳои наздисарҳадӣ чунин вазифаро метавонанд отрядҳои Ёрдамчиёни сарҳадбонон иҷро кунанд. Ҷалби шаҳрвандон, алалхусус ҷавонон ба ҳимояи тартибот дар деҳаҳои дурдасти сарҳадӣ хавфи пайдо шудани ашхоси бегона ва шубҳанокро ба маротибҳо коҳиш медиҳад. Додани яроқи ҷангӣ ба ашхоси боваринок ва омодагии махсус дошта,  аз ҳисоби афсарони мустаъфии сохторҳои қудратӣ низ ба фоидаи кор аст.

Дар барномаҳои таълимии мактиби миёна ва олӣ соатҳои омодабошии ҳарбӣ зиёд карда шаванд, ва ҳар тобистон мисли даврони Шӯравӣ курсҳои таълимӣ дар урдугоҳҳо, ба истилоҳ "лагерҳо" ташкил карда шаванд. Теъдоди маҳфилҳои варзиширо аз рӯи намудҳои мувофиқ зиёд, ва дар онҳо тамоюли зиддитеррористиро ҷорӣ кардан зарур аст.

Интернет, ки дар қатори беҳтарин дастоварди инсон буданаш, кайҳост, ки ба воситаи ягона ҳам набошад, асоси ҷалби ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротӣ ва тундгароӣ табдил ёфтааст. Ба муқобили сомонаҳои ифротӣ оҷилан сомонаҳои зидди тундгароӣ сохтан даркор. Бояд иқрор шуд, ки мутаассифона мо аллакай ҷанги иттилоотиро дар муқобили тундгароёни кибер-экстремист бохта истодаем. Муссалам, аст, ки маҳз истифодаи сомонаҳои интернетӣ барои таблиғи идеяҳои ифротӣ солҳои 2014-2015 асоси ҷалби теъдоди зиёди ҷавонон ба сафҳои гурӯҳи террористии "Давлати исломӣ" шуд.

Мутаассифона мо дер ба корҳои пешгирӣ даст задем, вале ба ҳар сурат ҳоло ҳам вақт аст. Тавассути ширкати фаъол дар шабакаҳои иҷтимоӣ ашхоси хавфнокро дарёфт ва имкони безарар кардани онҳо чораи хубе аст барои заиф кардани фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ. Дар мубориза бо террористон аз методҳои худи онҳо истифода бурдан ба фоидаи кор аст. Бо ашхоси тамоюли ифротӣ дошта "дӯстии виртуалиро ба роҳ монда, аз нақшаву аъмоли зишти онҳо огоҳ шудан имкон медиҳад, ки амалҳои даҳшатафканӣ пешгирӣ карда шаванд.

***Додарбек САЙДАЛИЕВ,***
***номзади улуми сиёсӣ, дотсенти кафедраи фалсафа***

# НАҚШИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУБОРИЗА БАР МУҚОБИЛИ ТЕРРОРИЗМ



***Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо гояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд. Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдорро зарур аст, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ боз ҳам вусъат бахшида, бо роҳи тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ пеши роҳи гароидани ҷавононро ба равияҳои ифротгаро гирифта, онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоем.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Таъмин намудани сулҳу субот ва амнияти пойдори кишварҳо вазифаи асосӣ ва шарти муҳимтарини роҳандозиву пешбурди равандҳо ба хатари рушди устувор дар сатҳи байналмилалӣ мебошад.

Дар гӯшаҳои гуногуни сайёра милионҳо нафар одамон гирифтори хавфу хатари таҳдид ва оташи ҷангу низоҳо гардиданд.

Дар зарфи солҳои охир зиёда аз сад мамлакати дунё ҳадафи амалиётҳои террористон қарор гирифта, бар асари ҳамлаҳои онҳо садҳо ҳазор аҳолии осоишта ба ҳалокат расиданд. Зарари ба иқтисодиёт расонидани онҳо ба милиардҳо доллари амрикоӣ баробар мебошад.

Террористон манфиатҳои ягон давлатро ба эътибор намегиранд. Онҳо аз сохти давлате ҳимоя мекунанд, ки ба андешаи ҷавобгӯи аҳкоми динӣ ва мазҳабӣ мебошад. Дар натиҷаи амалҳои террористӣ онҳо бисёр давлатҳо хароб шуданд, иқтисоди хуби мавҷудбуда фалаҷ гардид, сатҳи зиндагӣ дар ин давлатҳо ниҳоят паст шуд. Аҳолии харобгардидаи ин давлатҳо ба дигар давлатҳои тараққикардаи Аврупо барои дарёфти ризқу рӯзӣ ва паноҳ ёфтан тарки ватани худ карданд.

Амали террористии 11-уми сентябри соли 2001 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Мутаҳидаи Амрико сурат гирифта, масъалаи мубориза бо терроризмро ба мақоми аввал баровард.

Терроризм зуҳуроти мураккаб аст. Мавқеи сиёсӣ ва иҷтимоии он ба ҷанбаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, идеологӣ ва ҷаҳонбинӣ пайвандӣ дорад. Хушунат ва таҳдид, даҳшатафканӣ ва бераҳмӣ хусусиятҳои асосии терроризм мебошад. Террористон ашхоси тундраву бераҳм мебошанд. Албатта ба ин роҳ ҷавонон шомил мешаванд, ки дониши хуби динӣ надоранд. Оид ба таърихи фарҳанги худ инчунин ҷаҳонбинӣ маълумоти кофӣ надоранд. Ба суханҳои бофтаю бемағзи ҳар гуна гурӯҳҳо гӯш ва аҳамият медиҳанд ва ба оянда худро торикона мебинанд. Ба ҳар суханҳои бемаънӣ ва бардурӯғи онҳо пайравӣ менамоянд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмрмалӣ Раҳмон қайд намуданд: "Дар ин раванд ба андешаи мо, вокуниш ба таҳдидҳои рузафзуни терроризм ва ифротгароӣ бояд ба нақши калидӣ ва ҳамоҳангсозии Созмони Миллали Муттаҳид ва ниҳодҳои дахлдори он фарогир ва амалӣ гардонида шавад. Дар иртибот ба ин таъкид карданиям, ки Тоҷикистон дар арсаи мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, тундгароӣ ва дигар хатару таҳдидҳои замони муосир, аз қабили гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ ҷинояткориҳои муташаккили фаромилӣ ва шарики табии ҳамаи давлатҳои дунё ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ мебошад."

Ҷумҳурии Тоҷикистон узви фаъоли Созмони Миллали Муттаҳид ҷиҳати муборизаи самарабахши муштарак бар зиди хатару таҳдидҳои замони муосир пайваста талош карда, фаъолияти созандаро дар ин самт минбаъд ҳам густариш медиҳем.

Ҷавонон, киояндаи халқу миллати мо мебошанд, онҳоро ҳаматарафа тарбия намуда, бо роҳи рост раҳнамоӣ кард, ба онҳо дониши хуби замонавӣ ва касбу кор омӯхт. Роҳ надодан ба таҳсили ғайрирасмии ҷавонон дар муассисаҳои динии хориҷии кишвар ва баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд яке аз роҳҳои пешгирии гаравиши шаҳрвандон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро ва шомил гардиданашон ба онҳо буданд.

Самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 пура нишон дода шудааст. Дар самти баланд бардоштани нақши низоми маориф ва сиёсати ҷавонон дар пешгирии экстремизм.

***Гадомад КАРИМОВ,***
***Фарзона КАБИРОВА, саромӯзгорони кафедраи назарияи иқтисодӣ***

# ОБ - ҲАСТИИ ҲАЁТ

Об манбаи ҳастии ҳаёт барои тамоми мавҷудоти олам, набототу ҳайвонот ва ҷомеаи инсонист. Об покиву рӯшноӣ, сафову латофат, назокату нафосати ҳаёту зиндагист. Об мӯъҷизаи бебаҳои табиат буда, асоси пайдоиши пойдории олам аст.

Об яке аз сарватҳои бебаҳои табиат буда, сарсабзиву шукуфоӣ ва пойдории олам ба он марбут аст. Бешубҳа дар он ҷое, ки об вуҷуд дорад, нишони ҳаёти зинда, ободӣ ва хушбахтиву комронӣ низ дида мешавад. Об дар ташаккули организм нақши муҳим дошта, маҳз ба василаи он мубодилаи моддаҳо ба амал меояд. Агар ба оинаи таърихи гузашта бингарем, чунин ба назар мерасад, ки ниёгони мо обро чун неъмати муқаддасу пок парастиш намуда, баъзе анъанаҳои миллиро тавассути он амалӣ мегардониданд. Яъне аз ибтидо об ба сифати неъмати поку равшан ба атокунандаи бахту иқбол шинохта шудааст.

Ҳаёти инсониро бидуни об наметавон тасаввур намуд, зеро нарасидани об фаъолияти мунтазами организмро вайрон намуда, ба заволи он сабаб мегардад. Рангоранги табиати сеҳрангез, хандаи гулҳои тар, сабзиши рустанӣ, навои обшор, мавҷи сабзи талу теппаҳо бо шарофати ин неъмати беназир ба амал меояд. Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ дар ситоиши об гуфтааст:

***Биболид кӯҳ, обҳо бардамид,***
***Сари растанӣ сӯи боло кашид.***

Имрӯз низ ниёзи ҷомеаи мутамаддин ба об афзуда, ҳамзамон норасоии он дар баъзе кишварҳо боиси нигаронии аҳли башар гардидааст.

Хабари навбатие, ки миллати тоҷикро хушҳол кард, ин бевосита аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидани ташаббуси навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки бо пешниҳоди сарвари давлати мо Қатъномаи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018-2028" қабул гардида, он аз ҷониби 193 давлати дунё эътироф карда шуд, ки ин эътирофи миллати тоҷик аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонист.

Хушбахтона, Тоҷикистон аз ҷиҳати дороии об яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Зиёда аз 50 адад дарёҳои манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ, ки аз оби яху борон пур мешаванд дар пешбурди соҳаҳои хоҷагии халқ нақши муассир доранд.

***Сарвиноз ШАМСИДДИНОВА,***
***ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълими он***

# ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ЧИСТ?



Худшиносии миллӣ ҷавҳари ҳастии ҳар як фарди бонангу ор ва соҳибилму бофарҳанги кишвари азиз аст.

Ҳар миллате то имрӯз арзи ҳастӣ дорад ва дар оянда низ боқӣ мемонад, ки дар халқи он худшиносӣ, ғояи миллӣ, фарҳанг, меҳр ба Ватан, садоқат ба халқ ва тамаддуни миллӣ инкишоф ёфта мебошад.

Пеш аз оне ки мо дар бораи "худшиносии миллӣ" ҳарф занем, моро зарур аст, то дарки мафҳуми худшиносиро дошта бошем. Ва то он замоне ки фард ё шахс худшиносии миллиро дар худ дарк мекунад, ки ӯ худро шиносад.

Худро шинохтан ба маънии томаш дар ботини худ фуру рафтан, ҳастии зиндагӣ ва арзи вуҷуд доштанро дар ин дунё фаҳмидан ва омӯхтан аст. Худшиносӣ мафҳумест, ки дар шахс ҳанӯз аз даврони тифлӣ оғоз ёфта марҳила ва зинаҳои махсусро тай мекунад, то ба ин мартаба расад.

Ҳар як фард новобаста аз шакли зиндагӣ зери ду барнома ба воя мерасад: иҷтимоӣ ва биологӣ. Биологӣ ин модарзодӣ буда, иҷтимоӣ ин таъсири муҳит ва он предметҳое, ки ӯро иҳота кардааст, ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи равоншиносон кӯдак "мани худ"-ро дар як давраи муайяни тифлӣ пайдо месозад. "Мани худ" ин зина ва ё марҳилаи ташаккули аввалини худшиносӣ аст. "Мани худ" агар мустақилиятро инкишоф диҳад, пас заминае аст барои худшиносӣ. Худшиносӣ ин асли худро шинохтан ба маънии дар ин дунё арзи вуҷуд кардан, бахри чӣ омадан, ба чӣ корҳо машғул шудан ва монанди ин мафҳумҳои фалсафиомезро ба зеҳни шахс ворид месозад. Худшиносӣ дар шахс аз овони тифлӣ ва домони модар оғоз мегардад. Барои тарбия ва ташаккули худшиносӣ дар шахс оила низ саҳми босазо дорад. Агар тифл дар оилае ба вуҷуд омада бошад, ки онҷо муҳити солим ва арҷ гузоштан ба таърих фарҳанги гузаштаву имрӯза бошад, пас бешак метавон гуфт, ки ин фард дар оянда аъзои фаъоли ҷамъият ва як тани худшиносу худогоҳ хоҳад шуд.

Худшиносӣ ин эҳтироми ҳастӣ дар рӯи замин ва қадру эътироф намудани тамоми арзишҳои маънавию модии ҷамъият мебошад.

Тамоми он ақида ва марҳилаву гузаришҳоеро, ки мо дар боло қайд кардем, дар охир заминаи асосӣ ва ташаккули беандоза барои пешрафти худшиносии миллӣ хоҳад буд.

Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд: "Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад".

Дар ҳақиқат, ҳар шахси соҳибаклу бофарҳанг бо тамоми ҳастии худ ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлолро аз нигоҳи илмӣ ва дурусту ҳақбинона таҳлил ва баррасӣ созад, хушбахтона ба натиҷае рӯ ба рӯ мегардад, ки он ҳама бо дастгириву кӯмакҳои бевоситаи Пешвои муаззами миллат дар замири ҳар фарди Тоҷикистон худшиносии миллиро эҳсос мекунад. Тоҷикон таърихи бою ғанӣ дошта, бо ин андоза зиёд будани мероси хаттиву осори таърихӣ тавонистаанд ҷавҳари худшиносии миллиро дарк кунанд. Худшиносии миллӣ дар халқи тоҷик ҳанӯз аз замонҳои пеш инкишоф ёфтааст. Далели ин гуфтаҳо шоҳи шоҳон Куруши Кабир шуда метавонад, ки ӯ ҳангоме ба вилоят ва сарзаминҳои ҳамсоя лашкар мекашид, фарҳанг ва арзишҳои он қавмҳоро эътироф карда, онҳоро аз ойинашон боз намедошт. Ин гуфтаҳо далели онанд, ки миллати тамаддунофари тоҷик арзишҳои миллии ҳар қавму миллатро арҷ гузошта, хидматҳои шоёни пешво ва роҳбарони худро дар ҳар давру замон қадр кардаанд ва то имрӯз ин амали покро такрор карда истодаанд.

Давлат ки дар заминаи халқ ба вуҷуд меояд, дар навбати худ як ниҳод ва институти ҷамъиятие мебошад, ки вазифаҳои аввалиндараҷае ба монанди тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, эҳтиром гузаштан, эътирофи ҳастӣ, пешрафти комил ва таъмини сулҳу субот, инчунин амнияти комилро бар дӯш дорад. Агар халқ ва ё давлату миллатеро хоҳанд аз байн бурда, ҳастии онро нобуд кунанд, аввал даст ба фарҳанг ва таърихаш зада, забонашро бо таъсири дигар лаҳҷаву забонҳо аз байн бурдан мехоҳанд, ки дар натиҷа давлат ва миллат рӯ ба таназзул меорад. Ин пеш аз ҳама, ба амнияти комили давлат вобастагӣ дорад, ки заминаҳои ин гуна омӯзиш ва паст кардани фитрати як халқро омӯзиш ва пешгирӣ намоянд.

Таърих гувоҳ аст, ки фазои софи сиёсӣ дар Тоҷикистон ба як содагӣ ба даст наомадааст. Барои ба даст овардани ин гуна фазо абармардони бонангу ор аз Пешвои муаззами миллат сар карда то хурдтарин масъул дар соҳаи сиёсат ҷоннисориҳо кардаанд, то ин гуна фазои мусоид ба даст ояд. Ин амалу корнамоиҳои абармардон дар хотироти миллати тоҷик чунон нақш бастаанд. Ҳаргиз он ҳодисаи шум ва хунумонсӯзе, ки бо дастгирии хоҷагони хориҷиашон ва он мардуми гумроҳи ҷаҳлзада ва бедину бефарҳанг то дараҷае беаслро, ки дар солҳои аввали Истиқлол ба сари мардуми мо оварда буданд, фаромӯш нахоҳанд кард. Ин марҳилаи басо мураккаби сиёсии эҷодкардаи афроди разилу нобакор боиси он шуд, ки Тоҷикистони ҷавон ба гирдоби ҷангу ошӯбҳои даргир гирифтор шуда, чандин миллионҳо сомонӣ ба буҷаи давлат хисорот ворид сохт.

Дар он замон барои миллати тоҷик шахсе лозим буд, ки худогоҳу ватандӯст, хештаншиносу бофарҳанг бошад, то мардумро аз ин вартаи душвор берун созад. Дар ҳақиқат, таърихи сулҳофарӣ ва соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон бо хидматҳои Пешвои миллат нотакрор буда, аз ҷониби созмону давлатҳои бонуфузи эътироф гардида, инчунин таҷрибаи бое бахри давлатҳои ҷангзада шуд.

Ҳар меҳмон ва мусофире аз Тоҷикистон дидан созад, ба боварӣ метавон гуфт, ки аз ин диёр хотироти худро пурнақш месозад. Фарҳанги воло, одобу фаросати тоҷикона, меҳмондӯсту сулҳофар, эҳтироми хурду бузург, тасдиқ ва эътироф кардани тамоми давлату миллатҳо ва фарҳанги онҳоро эътироф кардан равандҳое аст, ки тамоми халқи шарафманди тоҷикро дар дунё машҳур сохтааст.

Арзишҳои миллӣ ва муқаддасоти давлатӣ чун Парчам, Нишон, Суруди миллӣ, Қаҳрамонҳои миллӣ, фарҳанг, забон, сарчашмаҳои хаттию этникӣ боиси он мебошад, ки худшиносии тамоми шахрвандони бонангу ор ташаккул ёфта, ҷавононро дар ин роҳ тарбия намоянд.

Фарҳанги миллии тоҷикон ба қатори мероси фарҳанги оламшумул ба созмони ҷаҳонии Юнеско ворид карда шудааст, ки ин фахр ва намуна аз фарҳанги волои миллати тоҷик аст.

Албатта барои насли наврасро дар рӯҳияи хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ тарбия кардан, пеш аз ҳама фазои тинҷу ороми сиёсӣ лозим аст. Мо, миллати тоҷик ва Тоҷикистони азиз дар 30 соли ҷавони соҳибистиқлолии худ ба ҷаҳониён исбот мекунем, ки миллати таърихиву тамаддунофари худшинос ҳастем ва мекӯшем арзишҳои миллӣ ва фарҳангиву таърихиро омӯхта, барои ба вуҷуд овардани насли оянда чун мероси бой аз гузаштаи худ боқӣ монем.

***Шоҳрух Ҳалимзода Абдунаим,***
***омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8, ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе***

# МАВҚЕИ ЭКОЛОГИИ РАСТАНИҲО ДАР ҲАЁТИ ИНСОН

Ҳоло мушкили муътадил нигаҳдории муҳити зисти организмҳои зинда дар сатҳи сайёра диққати ҳамагонро ба худ ҷалб намуда, бештар ба яке аз мушкилоти сиёсати дохилӣ ва беруниии давлатӣ табдил ёфтааст.

То солҳои наздик таъсири инсон ба ҷараёни дар биосфера ба амаломада на он қадар назаррас буд. Вале мутаассифона, дар нимаи дуюми асри 20 ва ибтидои асри 21 таъсири гуногуни бавоситаю бевоситаи инсон ба биосфера то он дараҷае афзудааст, ки дар минтақаҳои гуногун ҳаёти худи ӯ дар хатар мондааст.

Фаъолияти ҳозираи аҳли башар дар олам - ҳодисаҳои нав ба навро ба миён овард. Ин ҳодисаҳои нав ба миёномада аз як тараф ба истифодаи васеи захираҳои табиӣ дар истеҳсолот муътадилии вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва болоравии сатҳи зисти инсон ва дар ҳамин замина афзудани шумораи аҳолии сайёра сабаб шуда бошад, аз дигар тараф ба вусъатёбии ифлосшавии муҳити зист ва хароб шудани захираи сарватҳои табиӣ оварда истодааст.

Олами наботот дар табиат мавқеи марказиро дар системаҳои экологӣ ташкил менамоянд. Растаниҳо сабз дар ҷараёни фаъолияти худ қобилияти табдили энергияи Офтобро ба энергияи кимиёвӣ дошта, аз моддаҳои ғайриорганикӣ моддаҳои органикиро ба амал меоранд, ки ин асоси моддии мавҷудият ва фаъолияти дигар организмҳои зинда мебошанд.

Омӯзиши таърихи сайёраи мо нишон медиҳад, ки дар ибтидо дар таркиби атмосфераи Замин оксиген вуҷуд надошт. Таркиби атмосфераи аввалин асосан аз метан, амиак ва гидроген иборат буд. Тахмин меравад, ки ду миллиард сол муқаддам дар натиҷаи шуруи ҳодисаи фотосинтез дар ҳавои атмосфера оксиген пайдо шудааст, фотосинтез ягона протсесси биологист, ки дар натиҷаи он аз ҳисоби фототаҷзияи об оксигени озод ҳосил шуда, ба атмосфера хориҷ карда мешавад.

Ҳоло мо ягон ҳодисаеро мушоҳида карда наметавонем, ки ҳаҷми муайяни оксиген чудо шаваду ба ҳаёти растаниҳои сабз вобаста набошад.

Вале мо ҳазорҳо ҳодисаҳои кимиёвии дар сайёра мегузаштагиро ёдовар шуда метавонем, ки дар онҳо ҳаҷми зиёди оксигени озод фуру бурда мешаваду ба пайвастагиҳои нав табдил меёбад ё месӯзад. Вале ҳаҷми умумии он дар сатҳи биосфера бе тағйир мемонад, зеро он ба фаъолияти фотосинтетикии растаниҳои сабз вобаста асту сабаби асосии зинда мондани кулли организмҳо мегардад.

Ҷамоаи растаниҳо бошад, аҳамияти муҳимми нигоҳдории маҳсулнокии хок, нигоҳдории обҳои зеризаминию равон, тозакунии ҳаво, муътадилсозии иқлим ва пахлуҳои санитарию гигиенӣ доранд. Аз ин лиҳоз, вақтҳои охир олами наботот ба худ диққати на танҳо биологҳою кишоварзо, балки диққати иқтисоддонҳо, сохтмончиён, меъморону коркунони ҳифзи ҳуқуқ ва сиҳати омма ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайраро ба худ ҷалб намудааст.

Ҳоло ягон соҳаи ҷамъиятӣ, хоҷагӣ ва хусусию давлатие нест, ки аз сарватҳои табиат истифода накунад ва пешравии иқтисодии онҳо ба вай вобаста набошад.

Ғайр аз ин, растаниҳо натанҳо аҳамияти иқтисодӣ, балки аҳамияти санитарӣ, эстетикӣ, илмию маърифатӣ, таълимию тарбиявӣ ва ғайра низ доранд, ки омӯзиши ҳаёти онҳо на танҳо барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва дӯстдорони табиат, балки барои аҳли башар аз аҳамият холӣ нест. Чи қадаре мо маълумоти илмиро оид ба сохт, таркиб ва фаъолияти ҳаётии растаниҳо аз бар намоем, ҳамон қадар хислатҳои истеъмолии онҳоро бештару хубтар муайян месозем. Ҳамин тариқ, вазифаи аввалини олимони соҳавӣ аз он иборат аст, ки моҳияти ҳаётии растаниҳои сабзро ба аҳли башар бо истифода аз воситаҳои ахбори умум бифаҳмонанд.

***Азиза ҲАКИМОВА,***
***ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълими он***

# УСТОДИ КОМИЛУ ПИРЕ РАВШАНЗАМИР



Илму дониш ба афкори инсон хос буда, танҳо ба ин восита метавон ҷаҳонро тасхир кард, ба дили инсонҳо роҳ ёфт, мақому манзалат пайдо намуд. Инсоне, ки толибилму донишманд мебошад, ҷаҳони маънавии худро рангин сохта, ҳазорон қалби дигарро саршор аз ин меҳру муҳаббати илмомӯзӣ хоҳад кард. Устоди бофазилату равшанзамир Грез Иброҳимов аз ҷумлаи чунин инсонҳои комил ба ҳисоб меравад, ки солҳои зиёди умри пурбору бобаракати худро сарфи ин роҳи пуршараф намуда, шогирдони зиёдро дар рӯҳияи илмомӯзӣ, инсондӯстӣ, худшиносӣ, миллатдӯстӣ ва дигар паҳлуҳои ҳаёти инсон тарбия намуда, ба воя расонидааст.

Ин ҳама заҳмату талоши устоди гиромӣ ба он хотир аст, ки шогирдон дуруст ба воя расида, ба қадру манзалати ниёгон, меҳан, падару модар ва устодони худ бирасанд. Ҳамин аст, ки имрӯз устод Грез Иброҳимов давлати пирӣ меронанду шогиродон дар канору атрофи ӯ ба мисли фарзанд эҳтиромашро ба ҷо оварда, асои дасташ мебошанд.

Устоди комил ва пире равшанзамир Иброҳимов Грез айни ҳол ба ҳайси дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика фаъолият дошта, ба иддае аз устодони ҷавони донишгоҳ ва кафедра ҳамчун роҳбари корҳои илмӣ буда, хушбахтона, дар соли ҷорӣ 2 нафар шогирдонаш рисолаҳои илмии худро дифоъ намуда, дар таълиму тарбияи донишҷӯён саҳмгузоранд. Устод Иброҳимов Грез инсони наҷибу хоксор, поксиришту меҳнатдӯст, оянданигар ва мушфиқ буда, мактаби илмии худро дорад ва ин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ӯро миёни ҳамкасбон ва шогирдон обрӯманд гардонидааст. Албатта, обрӯи муаллим ин симои маънавӣ ва шахсияти ӯ мебошад.

Бояд иброз намуд, ки талаботҳои педагогӣ нисбат ба муаллим хеле зиёданд, вале муҳимтаринашон маданиятнокӣ, хушмуомилагӣ, ташкилотчигӣ, эҷодкорӣ, поквиҷдонӣ ва дӯст доштани касби худ ва ҳамзамон эҳтиром ва дӯст доштани шогирдон низ аз талаботҳои баланди касбӣ мебошанд, ки устод Иброҳимов Грез дорои ин ҳама хилатҳоянд.

Ин ҳама эҳтиром ва мақому манзалат ба даст овардани устод аз меҳнатдӯстӣ ва серталабии ӯ ба касби худ мебошад. Мутафаккирони тоҷику форс бобати заҳмату талош ва дар натиҷа ба даст овардани эҳтиром чунин гуфтаанд:

***То ранҷ таҳаммул накунӣ, ганҷ набинӣ,***
***То шаб наравад, рӯз падидор набошад.***
***Саъдии Шерозӣ***

Ё ин кӣ:

***Агар он ганҷи гарон металабӣ, ранҷ бибар,***
***Гул, мапиндор, ки бе заҳмати хоре бошад.***
***Рукниддини Авҳадӣ***

Оре, меҳнатдӯстӣ ва серталабӣ нисбат ба касби худ инсонро ба муроди худ мерасонад. Устод Иброҳимов Грез имрӯз миёни мардум, махсусан коллективи педагогии донишгоҳ эҳтроми зиёд доранд.

Устоди азиз, бо таманиёти зиёд ҳамчун шогирд Шуморо барои 81-умин баҳори умратон таҳният гуфта, хоҳони он мебошам, ки ҳамеша солиму раҳнамои мо шогирдон бошед!

Мавлудатон муборак бод, устоди азиз!

***Назаров Ҳотам,***
***мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогика***

*Фарёдкунон то ба саҳар бедорам,*
*Фарёди зи бедории шабҳои дароз.* *Хусрави Деҳлавӣ*



# ПАЁМ, ҶАВОНОН ВА МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ



Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандӣ ва ҳисси мамнуният аз ҷавонони кишвар баён намуданд: "Ман борҳо таъкид кардаам ва имрӯз бори дигар боифтихор иброз медорам, ки ҷавонони мо дорои ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гармии ватандӯстиву ватанпарварӣ буда, дар мубориза бо ҳама гуна хавфу хатарҳое, ки зидди давлату миллатанд, омодабошанд ва манфиатҳои миллиро аз ҳар манфиати дигар боло медонанд."

Ин нукот барои мо насли ҷавон боиси ифтихору сарфарозист ва гузашта аз ин мо масъулияти бузургро талаб менамояд, то ки мо ҳамқадам бо қувваҳои солим ва созандаи ҷомеа дар ободӣ ва рушди он саҳмгузор бошем.

Дар ин давра масъалаи ватанпарастӣ, ифтихори миллӣ, ҳифз ва нигоҳдошти арзишҳои таърихию фарҳангӣ вазифаи муҳим ва аввалиндараҷаи ҳар шахси бонангу номус, алалхусус ҷавонон ба шумор мераванд.

Ҳукумати мамлакат аз рӯзҳои нахустин ба масъалаи сиёсати давлатии ҷавонон аҳамияти зарурӣ зоҳир намуда, заминаҳои моддиро ҷиҳати рушди босуботи он даврони соҳибистиқлолии кишвар мустаҳкам гардонид. Бадастории Истиқлоли давлатӣ яке аз дастовардҳои беназири миллати кӯҳанбунёди тоҷик маҳсуб меёбад, ки дар роҳи давлатдориву давлатсолорӣ баъд аз ҳазор сол маҳз бо заҳмату талошҳои пайгиронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои миллати тоҷик муяссар гардид, ки волотарин арзиш - Истиқлоли давлатии хешро ба даст овард, таҳким бахшад ва дар заминаи он ба дастовардҳои бузурги таърихӣ ноил гардаду ба сӯи ояндаи дурахшон устуворона қадам гузорад.

Дар робита ба ин, Пешвои миллат дар Паёми худ таъкид намуданд: "Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҷавонони лаёқатманду соҳибмаърифат ва ватандӯсту хештаншинос, яъне насли ояндасози миллат ва давлат дар 30 соли соҳибистиқлолӣ тамоми шароиту имкониятҳои заруриро фароҳам овардааст."

Тавре ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём иброз доштанд: "Ҳадафи мо аз баргузории озмунҳои "Илм - фурӯғи маърифат", "Тоҷикистон - Ватани азизи ман", "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" "Тоҷикон" - оинаи таърихи миллат" ва олимпиадаву озмунҳои гуногун тақвияти бахшидани ҳувияти миллӣ, ҳисси ифтихор аз таъриху тамаддуни бостонии халқамон, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии мардум, қабл аз ҳама наврасону ҷавонон ва пайдо кардани истеъдодҳои нодир аз байни наслҳои ояндасоз мебошад."

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки: "Ҳеҷ соҳае нест, ки дар он ҷо ҷавонон кору фаъолият надошта бошанд. Имрӯзҳо дар тамоми соҳаҳои ниёзманди аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавонон содиқонаю софдилона барои пешравии зиндагии халқу миллати худ хизмат намуда истодаанд."

Зикр кардан ба маврид аст, ки ҷавонон як нерӯи бузургу созандаи ҷомеаи кунунӣ ба шумор рафта, тамоми қувваю нерӯи худро бахри пешрафти ҷомеа сарф намуда истодаанд.

***Наврӯз РАЗОҚОВ, сардори Шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳ***

# ТЕРРОРИСТУ ИФРОТГАРО ВАТАНУ МИЛЛАТ ВА ДИНУ МАЗҲАБ НАДОРАД

***"...террористу ифротгаро ватану миллат ва дину мазҳаб надорад.***

***Террорист - террорист аст ва ӯ ҳеҷ гоҳ "худӣ" ё "бегона" ва ё "таҳаммулгарову" "тундгаро" буда наметавонад".***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Аз шиносоӣ бо вазъи кунунии ҷомеаи башарӣ дармеёбем, ки имрӯзҳо дар гӯшаҳои гуногуни сайёра мардумони ниҳоят зиёд гирифтори хавфу таҳдид ва оташи ҷангу низоъҳо гардидаанд ва зуҳуроти терроризму ифротгароӣ ба хатари бесобиқаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, бороварандаи оқибатҳои фоҷеабору дарозмуддати ҷамъиятиву сиёсӣ ва маънавӣ мебошад.

Таҳлилҳо ва донишҳои касбгардидаи муҳҳққиқону пажуҳишгарон дар робита ба вазъи ҷомеаи башарӣ исботгари он аст, ки дар ҷаҳони муосир асри XXI бо фазо, раванд ва воқеоти фарогирифтаи худ аз ҷумлаи асрҳои гузашта фарққунанда аст.

Аз падидаҳои номтлуб ва доғи рӯз, густаришёбии терроризм, экстремизм ва ифротгароии динӣ ба шумор меравад. Ин нукта ҳам равшан аст, ки "Ҳамасола дар арсаи терроризм ё барои мақсаду амалҳои террористӣ дар ҷаҳон дар маҷмӯъ аз 5 то 20 миллиард доллар сарф мегардад.

Мусаллам аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ аз рушди падидаи зишту нафратовар- терроризму экстремизм ва таҳдиди хатарноки он ба амният, оромӣ ва суботи ҷомеа, муносибатҳои байналхалқӣ, бехатарии давлат ва ҳаёти шаҳрвандони он, рушди устувори кишварҳо ба ташвиш омадаанд.

Таҳдиди ин падидаи шум ба ҳадест, ки терроризму экстремизм беш аз пеш хатари фаромиллӣ ва умумибашариро касб намудааст. Агар ба таври дигар гӯем терроризм дар минтақаҳои алоҳида ва том ва умуман ба тамоми ҷаҳон доман паҳн карда истодааст.

Ин нуктаро афзуданием, ки падидаҳои ҷойдошта, терроризму экстремизм зодаи танҳо ин аср, яъне асри XXI нестанд, вале "...дар замони нав ҷомаи навро ба худ гирифтаанд, яъне ҳар як падида шакли муташаккилтару мураккаби зоҳиршавиро пайдо кард. Терроризм низ падидаи нав набуда, балки нишонаҳои он дар давраҳои гузашта - асрҳои миёна мавҷуд будааст.

Боиси нигаронии амиқ аст, ки террористон ва ифротгароён бо сӯйи истифода аз номи поки дини ислом ба паҳншавии афкори исломситезӣ ва бадбинии мусулмонон мусоидат менамоянд.



Бадном кардани дини мубини ислом, ки имрӯз пайравонаш зиёда аз якуним миллиард аҳолии кураи заминро ташкил медиҳанду дар рушди ҷаҳони мутамаддин саҳми арзанда доранд, метавонад оқибатҳои хатарзоро ба бор орад.

Аз суханрониҳо ва сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез дар меёбем, ки ин масъала аз мавзуъҳои меҳварӣ ва калидии сиёсати ин Абармади таърих ба шумор рафта, ҷомеаи ҷаҳониро бар он меогоҳанд, ки дар мубориза бар зиддӣ терроризму экстремизм саҳлангорӣ нанамуда, ба хотири рушиди ҷомеи башарӣ ва таҳкими амнияту суботи сартосарӣ муттаҳид бошанд ва дар муқовимат бар падидаҳои номатлуби замон дастгир ва мутакои ҳам бошанд. Дар робита ба амалҳои шуму нафратовари созмонҳои террористӣ таъкид менамоянд: "Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву ифротӣ бо созмонҳои диниву миллатгарои тундрав ва дигар ниҳодҳои ҷиноятӣ ба ҳам омада, дар мавотиқи гуногуни ҷаҳон хушунату зӯроварӣ, хунрезиву низоъҳои диниву мазҳабӣ, наҷодӣ ва ҳатто бархӯрди тамаддунҳоро барангехтаанд.

Чунин ба назар мерасад, ки террор, даҳшатафканӣ, қатлу ғорат ҳамчун воситаи амалӣ намудани мақсад, маром ва ниятҳои хатарноку нопоки созмонҳои ифротӣ ба шумор рафта, ин зуҳурот ё падидаи ниҳоят хатарнок ҷиҳати мушкилофарӣ ва барҳамзании ҳаёти осоиштаи ҷомеаи башарӣ ва амнияти он равона гардидааст. Аз ин ҷост, ки истифода аз омилҳои таҳдиду фишор, зӯроварӣ, бераҳмӣ, қатлу куштор ва дигар амалҳои ғайриинсонии террористону экстремистон шабеҳи ҳаманд ва ин қишри ҷомеа, яъне террористону экстремистон ҳайвоне дар сурати инсонӣ ва аз доираи ахлоқу рафтор дурмонда, сарфаҳмнарафтаи мафҳумҳои таҳмулгароиву инсондӯстӣ буда, ватану миллат ва дину оин надоранд.

Ҳамонгуна, ки Пешвои миллат борҳо дар суханрониҳои худ таъкид доштаанд : "Дар ин робита, ман борҳо таъкид намудаам ва ҳоло бори дигар иброз менамоям, ки террористу ифротгаро ватану миллат ва дину мазҳаб надорад.

Террорист - террорист аст ва ӯ ҳеҷ гоҳ "худӣ" ё "бегона" ва ё "таҳаммулгарову" "тундгаро" буда наметавонад, далел бар гуфтаҳои болост.

Хулоса, дар интиҳои матлаб ин нуктаро қайд намудаанием, ки ҷиҳати мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва ифротгароӣ моро зарур аст, бо касби донишҳои наву замонавӣ, арҷ гузоштан ба фарҳанги бою ғанӣ ва гузаштаи пурифтихори таърихӣ, гиромидошти арзишҳои миллӣ, сарфаҳм рафтан ба моҳияти арзишҳои милливу динӣ фазои эътимод, таҳаммулгароӣ ва ҳамдигарфаҳмиро миёни ҷомеа ва тамаддунҳо тавсеа бахшему рақобатпазир дар муқовимат бар зидди хатару таҳдидҳои ҷаҳони муосир бошем.

Зеро муқовимати бошуурона ва ватнхоҳонаву бофарҳангона омили асосии таҳкиму тавсеаи ваҳдату суботи сартосарии кишвар ва устуворгардонии пояҳои Истиқлолияти давлатӣ ба шумор хоҳад рафт.

***Нозимова И.И., ассистенти кафедраи география ва сайёҳӣ***

# ҲАР ЯК ДАЪВАТШАВАНДА БОЯД ИН ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИРО ДОНАД!

Хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстиро донанд ва ҳатман риоя намоянд.

1. Командир ва ситод ҳангоми ташкил (банақшагирӣ) ва дар ҷараёни амалиётҳои ҷангӣ бояд меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстиро ба эътибор гиранд.

2. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, ки дар давраи низоъҳои мусаллаҳона истифода бурда мешавад, системаи принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқиеро дар бар мегирад, ки дар шартномаҳои байналмилалӣ (созишномаҳо, муоидаҳо, протоколҳо) мавҷуданд ё натиҷаи муқарраргардидаи расму оинҳои гузаронидани амалиётҳои ҷангӣ мебошанд.

Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ бо оғози низои мусаллаҳона амал мекунанд. Онҳо ба ҳамаи тарафҳои дар низоъ ширкаткунанда баробар татбиқ карда мешаванд.

Истифодабарии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ бо комилан анҷом ёфтани амалиётҳои ҷангӣ ва дар қаламравҳои истилогардида бо анҷоми истило қатъ мегарданд. Шахсон ва иншоотҳое, ки дар бораи сарнавишти онҳо баъдтар қарори ниҳоӣ қабул карда мешавад, таҳти ҳимояи ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ боқӣ мемонанд.

3. Мақсади ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ин то ҳадди имконпазир сабук кардани бадбахтӣ ва маҳрумиятҳое мебошад, ки амалиётҳои ҷангӣ ба сари одамон меоваранд. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, дар ҳар ҳолат муносибати инсондӯстонаро ҳангоми низоъҳои мусаллаҳона ба шахсоне, ки мустақиман дар амалиётҳои ҷангӣ иштирок намекунанд, аз ҷумла, он шахсоне, ки бар сари беморӣ, маҷрӯҳшавӣ, дастгиршавӣ ё ҳар гуна сабабҳои дигар иштироки худро дар ҷанг қатъ кардаанд, бе ягон ҳуқуқпоймолкунӣ бо далелҳои нажодӣ, ранги пӯст, эътиқоди динӣ, насабу авлод, дороӣ ё дигар маҳакҳои бо ҳаминҳо монанд, таъмин менамояд. Хусусан, нисбат ба чунин шахсон манъ аст:

- сӯиқасд ба ҳаёт ва дахлнопазирии ҷисмонии онҳо, аз ҷумла ҳар гуна намудҳои куштор, маъюбкунӣ, муносибати бераҳмона, азобу шиканҷадиҳӣ;
- онҳоро гаравгон гирифтан;
- сӯиқасд ба шаъну шарафи инсонии онҳо, аз ҷумла муносибати таҳқиркунанда ва пастзананда;
- ҷазодиҳии дастаҷамъӣ;
- ҳангоми маҷрӯҳ шудан ва беморӣ ба онҳо кӯмак нарасонидан;
- таҳдиди ба ҷо овардани амалҳои дар боло зикршуда;
- маҳкум кардани онҳо ва татбиқи ҷазо бе қарори пешакии судие, ки аз тарафи суди бо тартиби муқараргардида таъсис додашуда баровардa шудааст.

Ба ғайр аз ин, ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ба иншоотҳое, ки аҳамияти ҳарбӣ надоранд, кафолати ҳимоя медиҳад.

4. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ як қатор маҳдудиятҳо ва манъкуниҳоро барои истифодабарии усулҳо (методҳо) ва воситаҳои гузаронидани амалиётҳои ҷангӣ аз тарафи ҷангкунандаҳо муқаррар мекунад. Вазъи (статуси) ҳуқуқии шахсон ва иншоотҳои дар минтақаи амалиётҳои ҷангӣ мавҷудбударо муайян менамояд; ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои шахсони таҳти ҳимояи ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ қарордоштаро танзим мекунад; инчунин ҷавобгарии давлат ва шахсони алоҳидаро барои вайронкунии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ муқаррар менамояд.

Дар мавридҳое, ки шартномаҳои байналмилалӣ пешбинӣ накардаанд, шахсони мулкӣ ва ҷанговарон (размандаҳо) таҳти ҳимоя ва эътибори принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз анъанаҳои муқарраргардида, принсипҳои инсондӯстӣ ва талаботи шуури ҷамъиятӣ барнамеоянд, қарор доранд.

***Раҷабалӣ АЗИМОВ, мудири кафедраи мудофиаи гражданӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ***

*Ба ширинзабониву лутфу хушӣ,*
*Тавонӣ, ки пиле ба мӯе кашӣ.* *Саъдӣ Шерозӣ*





Мутаассифона, таҳдидҳову хатарҳои муосир, аз ҷумла мушкилоти тағйирёбии иқлим, ин равандро ба таври ҷиддӣ халалдор кардаанд.
Чунин ҳолат таваҷҷуҳи махсусро талаб менамояд, зеро таъсири он ба захираҳои об, бахусус пиряххо, бисёр возеҳ ва нигаронкунанда мебошад.
Тоҷикистон низ зери таъсири оқибатҳои тағйирёбии иқлим дар чанд даҳсолаи охир зиёда аз як ҳазор пиряхи худро аз даст дода, ҳамасола аз селу обхезиҳои зиёд ва хушксоливу камобӣ, ки марбути ин раванданд, хисороти зиёди моливу ҷонӣ мебинад.

# ХУШХАБАР



Рӯзи 29-уми апрел унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ НУРИДДИНЗОДА САЙҶАМОЛИДИН ҲАЙДАР рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "НАЗАРФИРЕБИИ СИЁСӢ ҲАМЧУН ТАҲДИД БА СУБОТИ СИЁСИИ ҶОМЕА (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)", зери роҳбарии номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент МУРОДОВА ГУЛЧЕҲРА РУЗИБОЕВНА барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ, аз рӯи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-001-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бомуваффақият ҳимоя намуд.

Раёсат ва ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ муҳаққиқ ва роҳбари илмиашонро барои ин музаффарият самимона табрик намуда, ба ӯ дар корҳои эҷодиаш комёбиҳо таманно менамоянд.

# СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

*Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки моҳи майи солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!*

*Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффқият пайваста амалӣ гардад.*

1. РАҲМАТОВ ДОСТӢ, 01.05.1952, саромӯзгори кафедраи иқтисод ва идора;
2. АКРАМОВА РУХШОНА, 01.05.1973, номзади илмҳои физика ва математика, саромӯзгори кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи материалҳо;
3. НУРАЛИЕВА ЛАТОФАТ, 01.05.1973, фаррош;
4. ҶАЛИЛОВ ҒОЛИБ, 03.05.1984, ассистенти кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳӣ;
5. ИБРОҲИМОВ ГУРЕЗ, 03.05.1942, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика;
6. ИСМОИЛОВ ҒАФФОР, 04.05.1974, мудири лабораторияи кафедраи физика, методикаи таълими он;
7. ҲАФИЗЗОДА АЛИШЕР, 04.05.1992, ассистенти кафедраи методикаи таълими информатика;
8. КАРИМОВ ГАДОМАД, 05.05.1961, саромӯзгори кафедраи назарияи иқтисодӣ;
9. АЪЗАМОВ ХУРСАНД, 05.05.1945, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ;
10. КАРИМОВ ИСРОИЛ, 05.05.1989, ҷонишини декан оид ба тарбияи факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалӣ;
11. ҲУСАЙНОВА ФАРИДА, 05.05.1991, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;
12. НАЗАРОВ МУРОДАЛӢ, 07.05.1990, ассистенти кафедраи иқтисод ва идора;
13. ҲИСАЙНОВ ДАЛЕР, 08.05.1989, саромӯзгори кафедраи биология ва методикаи таълими он;
14. ҒУЛОМОВ ИСЛОМ, 09.05.1939, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи математика ва методикаи таълими он;
15. САФАРОВ АМИРАЛӢ, 10.05.1957, саромӯзгори кафедраи назарияи иқтисодӣ;
16. НОСИРОВ НОСИР, 10.05.1990, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;
17. ОДИНАЕВА АДИБА , 10.05.1989, фаррош;
18. МАҲМУДОВ БАҲРИДДИН, 11.05.1971, саромӯзгори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва молия;
19. ШОМАДОВА ФАРАНГИС, 12.05.1994, мутахассиси Маркази бақайдгирӣ, тестӣ ва омор;
20. СУЛАЙМОНОВ УБАЙДУЛЛО, 12.05.1992, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ;
21. ҲУСЕЙНОВ РУҲУЛЛО, 12.05.1989, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он;
22. ХОҶАЕВ ИСРОИЛ, 14.05.1993, ассистенти кафедраи химия ва методикаи таълими он;
23. ТЕШАЕВ МИРЗОШАРИФ, 14.05.1986, ассисенти кафедраи назарияи иқтисодӣ;
24. ЛУТФИЯИ ҶУРАХОН, 15.05.1992, ассистенти кафедраи физика, методикаи таълими он;
25. САНГИМАДОВ ФАРРУХ, 15.05.1979, саромӯзгори кафедраи забонҳои хориҷӣ;
26. БОБОХОНОВА ФОТИМА, 15.05.1972, сариқтисодчӣ, корманди шуъбаи ҳисоб;
27. ҒАРИМАДОВ ҒУЛОМ, 15.05.1959, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он;
28. МӮСОЕВА ҶАМОЛБӢ, 17.05.1965, ассистенти кафедраи физика, методикаи таълими он;
29. ШАРИПОВ АЛАМШО, 17.05.1980, мудири кафедраи физикаи умумӣ ва назаривӣ;
30. ҒУЛОМОВ ЗИКРУЛЛО, 17.05.1993, саромӯзгори кафедраи иқтисод ва идора;
31. ҶАҲОНГИР РУСТАМШО, 18.05.1988, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, сармуҳаррири рӯзномаи "Анвори дониш";
32. ҲОФИЗОВ АЛИШЕР, 18.05.1988, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ;
33. МИРЗОЕВ ҒОИБ, 20.05.1944, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва таърихи забон;
34. ТОИРОВ ШЕРМАД, 20.05.1963, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ ва таърихи забон;
35. АМИРХОНОВА МАНЗУРА, 20.05.1989, фаррош;
36. ХОҶАЕВА ХАЙРӢ, 21.05.1965, фаррош;
37. МИРЗОЕВ НЕКҚАДАМ, 21.05.1965, устоди факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ;
38. ҲАСАНОВА ШУКРОНА, 21.05.1965, устоди донишгоҳ;
39. НАЗИРМАДОВА МАЙДАМО, 22.05.1973, фаррош;
40. БОБОХОНОВА МОҲСАФАР, 22.05.1969, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
41. МИРСАИДОВА САФАРМО, 23.05.1968, фаррош;
42. НИЁЗОВ ШОКИР, 24.05.1980, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он;
43. ҚОСИМОВА САФАРГУЛ, 25.05.1965, фаррош;
44. ШАФИЕВА ТОБОНБӢ, 29.05.1966, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ;
45. ҶОБИРОВ ШОКИРҶОН, 29.05.1991, ассистенти кафедраи таърих, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ;
46. ШАРИФОВА ЗАМИРА, 29.05.1976, лаборанти калони кафедраи математика ва методикаи таълими он;
47. АФИЗОВ СУҲРОБ, 30.05.1988, ассистенти кафедраи методикаи таълими информатика;
48. СИРОҶОВА ТАХМИНА, 31.05.1981, ассистенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ;

АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО,
доктори илмҳои фалсафа, профессор

ХОЛИҚЗОДА АЙНИДДИН,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ҒУЛОМОВ ИСЛОМ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор

АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД,
доктори илмҳои таърих, профессор

МИРЗОЕВ САЛИМ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор

ИЗЗАТУЛЛОЕВ КУГАН,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

ЗАФАР МИРЗОЁН,
ховаршинос, профессори фахрии донишгоҳ

РАФИЕВ САФАРХОН,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

САФАРЗОДА МУНИР,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

АБДУСАМАДЗОДА ЭРАҶ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

САРМУҲАРРИР:
ҶАҲОНГИР РУСТАМШО,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ “Мега-принт” ба табъ расидааст.
Адади нашр 5000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №364/РЗ-97, 31.03.2023 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15,
мобилӣ: 985-76-77-12; 981-00-02-19